Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

11 майи
соли 2016,
чоршанбе,
№19 (1051)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# САФАРИ РАСМИИ МУҲАММАД АШРАФ ҒАНӢ БА ТОҶИКИСТОН



**10 май нахустин сафари расмии Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ ба Тоҷикистон, бо баргузории маросими бошукӯҳи истиқболи расмӣ дар саҳни Қасри Миллат оғоз ёфт.**

*саҳ. 2*

Ҳаёти ҳизб

**Аҳзоби Тоҷикистону Хитой ҳамкориҳоро густариш медиҳанд**

*саҳ. 6*

Рӯйдод

## «CASA-1000» - лоиҳаи бузурги минтақавӣ

*саҳ. 5*

Раҳовард

## КОРВОНИ ВАҲДАТУ ҲАМДИЛӢ

*саҳ. 11*

# САФАРИ РАСМИИ МУҲАММАД АШРАФ ҒАНӢ БА ТОҶИКИСТОН

*саҳ. 1*

**МАРОСИМИ** истиқболи расмӣ бо гузориши фармондеҳи Горди фахрӣ ва садо додани сурудҳои миллии ду кишвар шурӯъ шуда, бо расми гузашти якҷояи Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ аз назди ҷузъу томҳои Горди фахрӣ, арзи эҳтиром ба Парчами давлатии Тоҷикистон ва салому дуруди меҳмони олимақом ба афсарону сарбозон ва шиносоии сарони давлатҳо бо ҳайатҳои расмии Тоҷикистону Афғонистон ва бо корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон идома ёфт.

Маросими бошукӯҳи истиқболи расмӣ бо гузашти низомии Горди фахрӣ аз назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ ба поён расид.

Пас аз он баррасии масоили вобаста ба рушди муносиботи дӯстона ва ҳамкории мутақобилан судбахш дар дидори хосаи Эмомалӣ Раҳмон ва Муҳаммад Ашраф Ғанӣ оғоз ёфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: "Мо аз дидори Шумо шодем ва орзу дорем, ки аз ташриф ба хонаи дуюматон таассуроти нек хоҳед бардошт".

Дар ҷараёни мулоқот, ки дар фазои дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ ҷараён гирифт, Эмомалӣ Раҳмон инчунин гуфт: **"Тоҷикистон ҳамеша хоҳони таҳкими амну осоиши Афғонистон ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодии кишвари Шумо мебошад, аз барномаи сулҳи Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон истиқбол менамояд."**

Ҷонибҳо аз вазъи имрӯзаи ҳамкории Тоҷикистон ва Афғонистон дар соҳаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва дигар бахшҳои барои ҳар ду ҷониб судманд изҳори қаноат карданд.

Зимни мулоқот иттилоъ дода шуд, ки дар соли 2015 ҳаҷми мубодилаи мол байни кишварҳо беш аз 170 миллион долларро ташкил дод, ки ин нокифоя аст.

Тоҷикистон соли гузашта ба Афғонистон қариб 1 миллиарду 200 миллион ва тайи 4 моҳи соли равон ҳудуди 250 миллион киловатт-соат нерӯи барқ интиқол дод.

Таъкид гардид, ки татбиқи лоиҳаҳои соҳаи энергетика ва рушди зерсохтори нақлиётиву транзитӣ ва амалӣ кардани тарҳи дорои



аҳамияти минтақавии CASA-1000 имконияти интиқоли ҳаҷми зиёди нерӯи барқро ба Афғонистон фароҳам меорад. Тоҷикистон инчунин ҳавасмандии худро ба сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон - Афғонистон - Туркманистон таъкид намуд.

Тақвияти фаъолияти Комиссияи муштараки ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва фарҳангӣ зарур дониста шуд, зеро он метавонад боиси рушди робитаҳо дар соҳаҳои ҳаётан муҳими тиҷорат ва бахшҳои мухталифи иқтисод, густариши ҳамкории гуманитариву фарҳангӣ барои ҳар ду кишвар гардад.

Тақвияти ҳамкории дуҷониба дар арсаҳои мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои замони муосир аз мавзӯъҳои дигари муҳими суҳбат буд.

Пас аз анҷоми мулоқот аз рӯи натиҷаҳои вохӯрӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Муҳаммад Ашраф Ғанӣ Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро дар бораи густариш ва таҳкими муносибатҳои дуҷониба имзо карданд. Инчунин дар ҳузури сарони кишварҳо Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба истирдод ба имзо расид.

Дар изҳороти матбуотӣ, ки пас аз поёни гуфтушунидҳо пахш шуд, омадааст: "Мо пайгирона талош хоҳем кард, ки бо эҷоди шароити мусоид марзи ду кишварро ба марзи субот, дӯстӣ ва ҳамкорӣ табдил диҳем".

Ҷонибҳо инчунин масоили марбут ба муборизаи муштарак алайҳи зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир - терроризм, ифротгароӣ ва қочоқи маводи мухаддирро баррасӣ намуда ва қочоқи маводи мухаддирро "маблағгузори терроризми байналмилалӣ" унвон кардаанд.

Ашраф Ғанӣ тарҳи хати интиқоли нерӯи барқи CASA-1000-ро "рамзи ҳамкориҳои Афғонистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ" арзёбӣ кард ва гуфт, ки Ҳиндустон низ омодагии худро барои пайвастан ба ин тарҳ изҳор доштаст.

Робитаҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 15 июли соли 1992 барқарор шуданд. Мулоқоти сатҳи олӣ муҳимтарин самтҳои ҳамкории дуҷониба дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва омили тавсеаи ҳамкории дуҷонибаю бисёрҷонибаи ду кишвар маҳсуб мешаванд.

Тоҷикистон дар баргузории чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки дар он масоили вобаста ба таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ва рушди иқтисодиву иҷтимоии он кишвар баррасӣ мешаванд, ба ҳайси ташаббускори аслӣ ва пешбарандаи мавзӯъҳои марбут ба ҳалли қазияи Афғонистон эътироф шудааст.

То имрӯз байни Тоҷикистону Афғонистон беш аз 80 санади ҳамкории дуҷониба, ки арсаҳои гуногунро фаро мегиранд, ба имзо расида, тайи солҳои охир ҳаҷми мубодилаи мол байни ду кишвар бо тадриҷ зиёд шудааст.

Нақши Комиссияи муштараки байниҳукуматии ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ ва техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар рушди робитаҳои ду кишвар назаррас буда, ҳамзамон панҷ пуле, ки байни Тоҷикистон ва Афғонистон фаъолият доранд, дар тавсеаи робитаҳо ва густариши тиҷорати дуҷониба нақши муҳим мебозанд. Татбиқи барномаҳои бузурги роҳҳои мошингард ва оҳан, лӯлаҳои об ва газ, хатҳои интиқоли барқ, ки эҳёи воқеии Роҳи Бузурги Абрешим унвон мешавад, ҳоло бахше дар ҳоли иҷро ва қисмате дар ҳоли баррасӣ мебошанд.

Татбиқи лоиҳаи минтақавии CASA-1000 барои интиқоли нерӯи барқ аз Осиёи Марказӣ, бунёди роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон низ аз лоиҳаҳои муҳими иқтисодӣ барои ин ду кишвар маҳсуб мешаванд. Таъмини сулҳу субот дар тамоми қаламрави Афғонистон, ки омили аслии рушди ин кишвар мебошад, дар мадди назари сохторҳои дахлдори ду кишвар қарор дорад. Ду кишвар дар самти муборизаи муштарак бо терроризми байналмилалӣ ва таҳкими сарҳади муштарак низ ҳамкориҳои судманд ба роҳ мондаанд.

Ҳамкории фарҳангӣ ва гуманитарии байни Тоҷикистону Афғонистон низ дар ҳоли рушд буда, Душанбе барои шаҳрвандони ҳамсоякишвар ҳамасола 50 бурсияи давлатӣ ҷиҳати таҳсил ҷудо мекунад. Дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 234 нафар шаҳрвандони Афғонистон таҳсил доранд.

Боздиди расмии Муҳаммад Ашраф Ғанӣ Раисҷумҳури Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аз Тоҷикистон идома дорад.

# ИФТИТОҲИ КОХИ АФСАРОН

*5 май Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Душанбе бинои боҳашамати Кохи афсарони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуд.*



**ИНШООТИ** мазкур дар доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Чин бо харҷи 19 миллион доллар кумаки бебозгашти Ҷумҳурии Мардумии Чин аз тарафи як ширкати сохтмонии ҳамин кишвар бунёд шудааст.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фаъолияту хизматрасонии Кохи афсарон ба кори сохтмончиён баҳои баланд дода, ба роҳбарияти Вазорати мудофиаи ҷумҳурӣ дастур дод, ки барои пешрафти кор аз имкониятҳои муҳайёкардаи ҳукумати мамлакат самаранок истифода баранд.

Барои хизматрасонии сатҳи баланд дар Кохи афсарон 70 нафар занону бонувон ва мардони соҳибмаълумоту бомаҳорат ва донандагони забонҳои хориҷӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гаштанд.

Баъди шиносоии пурра бо Кохи афсарон дар толори маҷлисгоҳ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо шумораи зиёди афсарону дигар кормандони Вазорати мудофиаи кишвар суҳбати самимӣ доир кард.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро бо ифтитоҳи бинои истиқоматӣ ва маҷмааи Кохи афсарон табрик гуфт.

## КОРМАНДОНИ НИҲОДҲОИ ҚУДРАТӢ СОҲИБИ МАНЗИЛИ НАВ ШУДАНД

**Дар ҳамин рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар расми мавриди истифода қарор додани бинои нави истиқоматӣ барои кормандони сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи мамлакат иштирок кард.**

**Бинои нави 15 ошёна дар маҳаллаи Зарафшони ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир буда, бо тарҳу услуби нави санъати меъморӣ бунёд шудааст.**

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо буридани лентаи рамзӣ бинои нави истиқоматиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, ба як зумра соҳибони хуштолеъи манзилҳо дар вазъияти тантанавӣ шахсан калиди ҳуҷраҳоро супорид.**

**Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз нафарони соҳиби манзилҳои нав гардида даъват ба амал овард, ки содиқонаю софдилона ба Ватан-Модар хизмат карда, дар ободонию осоиштагии мамлакат, ҳифзи музаффариятҳои давлати соҳибистиқлол ва таъмини тартиботу оромии ҷомеа фаъолона иштирок намоянд.**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ РӮЗИ ҒАЛАБАРО ТАБРИК ГУФТ

*Шоми 8 май Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми телевизионӣ ба муносибати Рӯзи ғалаба иштирокчиёни ҷанг, собиқадорони меҳнат ва ҳар фарди ватандӯсту сулҳхоҳро табрик гуфт.*

Дар ин паём омадааст: 9 май ба санаи таърихӣ - ғалаба бар фашизм 71 сол пур мешавад. Ин ҷашн барои ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар ва сулҳхоҳу сулҳпарвар, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат муҳим аст, ки он пирӯзии адолат бар ҷаҳолат ва ғалабаи некӣ бар бадӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ҷанги даҳшатноки солҳои 1941-45 таъсири худро ба ҳар хонадони мардуми Тоҷикистон гузошта буд. Аз Тоҷикистон садҳо ҳазор ҷавонмардон ба ҷабҳаи набардҳои хунин рафтанд ва дар ин роҳ корнамоиҳои бемисл нишон доданд.

Қисми зиёди фиристодагони Тоҷикистон дар набардҳои шадиди ҷанг ба хотири адо кардани қарзи фарзандии хеш ҳалок шуданд, ки номи неку корномаи онҳо дар саҳифаҳои таърихи халқамон абадан сабт гардидааст.

Ҳарчанд ки майдони ҷанг аз Тоҷикистон хеле дур буд, вале таъсири он дар ҳамаи гӯшаву канори он ва ҳар як хонавода мушоҳида ва эҳсос мегардид.

Саҳми халқи тоҷик дар таъмини ғалаба ва дар ақибгоҳ хеле назаррас буд. Агар дар солҳои ҷанг ақибгоҳи мустаҳкаму тавоно намебуд ва фидокориву саҳми шабонарӯзии заҳматкашон намешуд, ҳаргиз чунин ғалабаи бузург таъмин намегардид.

Бо вуҷуди душвориҳои зиёд халқи тоҷик дар фурсати кӯтоҳтарин дар ақибгоҳ фаъолияти тамоми сохторҳои иқтисодии ҷумҳуриро ба таъмини эҳтиёҷоти замони ҷанг равона намуд. Қувваи асосии корӣ дар ақибгоҳ, асосан занону наврасон ва пиронсолон буданд. Онҳо, сарфи назар аз маҳрумиятҳои замони ҷанг, супоришҳои давлатиро барзиёд иҷро мекарданд. Худ гуруснаву бараҳна буданд, вале ҳамаи кӯшишу талоши худро ба хотири ғалаба ваояндаи нек сафарбар мекарданд.

Корномаву диловарии фарзандони баору номуси он солҳо ҳамеша намунаи ибрат хоҳад буд. Ҳамчунин, тақвияти рӯҳияи сарбозону афсарон, ҳифзи ормонҳои абадзиндаи ватандӯстӣ, эҳтиром ба муқаддасоти Ватан ва ифтихори миллӣ самтҳои муҳими кори тарбиявӣ мебошанд, ки дар ин раванд низ таҷрибаи собиқадорон роҳнамои беҳтарин ба шумор меравад.

Беҳтар намудани шароити зиндагии иштирокчиёни ҷангу собиқадорони меҳнат ва ғамхорӣ дар ҳаққи онҳо дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад, чунки иштирокчиёну собиқадорони гиромии мо нигоҳдорандаи анъанаҳои пуршарафи гузашта, намунаи устуворӣ, мардонагӣ ва илҳомбахшу тарбиятгари наслҳои ҷавони миллат ҳастанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идома таъкид кард:

- «Ҷомеаи мо имрӯз дар шароити таҳаввулоти босуръат ва бисёр мураккаби ҷаҳони муосир қарор дорад. Қувваҳои муайян имрӯз бо истифода аз нерӯ ва дигар воситаҳои харобиовар, аз ҷумла тавассути аъмоли террористиву ифротгароӣ, фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятпешаи трансмиллӣ, инчунин тавассути муборизаҳои иттилоотӣ кӯшиш доранд вазъи дохилии давлатҳои мустақилро халалдор созанд.

*саҳ. 4*

саҳ. 1

Дар минтақаву кишварҳои гуногуни ҷаҳон оташи ҷанг алангa зада, дар натиҷа давлатҳои як вақтҳо орому босубот аз байн меравaнд, ҳазорон нафар одамони бегуноҳ ба ҳалокат мерасанд ва миллионҳо нафар ватани аҷдодии худро тарк карда, дар қаламрави давлатҳои дигар сарсону саргардон мегарданд.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ РӮЗИ ҒАЛАБАРО ТАБРИК ГУФТ

Тоҷикистон ҷонибдори тақвияти мубориза дастаҷамъона бар зидди хатарҳои нави ҷаҳонӣ - ифротгароии ҷангталаб ва терроризм, ки ба вабои аср табдил ёфтаанд, мебошад. Зеро дар шароити торафт афзудани хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир масъалаи таъмини амнияти милливу давлатӣ аҳамияти ҳаётӣ пайдо мекунад ва чунин вазъ ҳамаи кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, тамоми хизматчиёни давлатӣ, инчунин ҳар як фарди бонангу номуси миллатро водор месозад, ки аз ҳарвақта дида бештар масъулиятшинос ва ҳушёру зирак бошанд.

Мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибихтиёр дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат фарзандони бонангу номус ва далеру шуҷои худро мебинанд, ки ба Конститутсия, савганди ҳарбӣ ва миллату Ватани худ ҳамеша вафодор ҳастанд. Сабақҳои ҷанги хунонмонсӯзи солҳои 1941-45, ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳо 90-уми асри гузашта, ҷангу низоъҳо дар Шарқи Наздик ва минтақаҳои дигари олам ҳушдор медиҳанд, ки ҳар яки мо арзишҳои миллӣ, истиқлол, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро чун гавҳараки чашм эҳтиёт кунем.



# АРЗИ ЭҲТИРОМ БА ШАҲИДОНИ РОҲИ ОЗОДӢ

**9 май Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Боғи Ғалабаи пойтахт ба муносибати 71 - умин солгарди ғалаба дар Ҷанги бузурги ватании солҳои 1941-1945 ба хотири шаҳидони роҳи озодӣ гулчанбар гузошт.**

Ба ин муносибат майдони маросимҳои Боғи Ғалаба идона ороста шуд. Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ Эмомалӣ Раҳмон Вазири мудофиаи кишвар Шералӣ Мирзо аз омодагии сарбозон ба маросими гулгузорӣ гузориш дод.

Баъди садо додани суруди миллӣ дар назди гулхани абадӣ ба поси хотири қурбониёни Ҷанги бузурги ватанӣ гулчанбарҳо гузошта шуд. Маросими бошукӯҳи гулчанбаргузорӣ бо иштироки роҳбарият ва аъзои Парлумони кишвар ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, корпуси дипломатии муқими Тоҷикистон ва собиқадорони ҷангу меҳнат сурат гирифт.

Нахуст Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо гузоштани гулчанбар хотираи қаҳрамонону иштирокдорони он ҷанги пурдаҳшатро пос дошт.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷумлаи "фоҷиабортарин ҷангҳо" дар таърихи инсоният маҳсуб меёбад. Бар асоси омори расмӣ, беш аз 300 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон дар набардҳои шадиди ин ҷанги пурдаҳшат шуҷоату мардонагӣ нишон дода, 92 ҳазор нафари онҳо ба хотири адо кардани қарзи фарзандии хеш ҷон супурдаанд.

Шуҷоату диловарии мардуми баору номуси Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ намунаи олии ватандӯстӣ ва сабақи беҳтарини мардонагиву ватандорӣ барои наслҳои имрӯзу ояндa дониста мешавад.

Дар ин маросим, инчунин аз номи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадорони ҷангу меҳнат, корпуси дипломатии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои қудратии Тоҷикистон, Пойгоҳи низомии 201-уми Федератсияи Русия дар Тоҷикистон гулчанбар гузоштанд. Хотираи неки қурбониёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчунин бо дақиқаи хомӯшӣ пос дошта шуд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сиёсати инсонпарваронаи хеш ба муносибати 71-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва қадршиносии ҷонфидоии




бобоёну падарон дар ҷанг баҳри озодии насли ояндa 23 апрели соли 2016 Амр дар бораи расондани кумакпулии яквақтаи молиявӣ ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватаниро ба тасвиб расонда буд.

Дар асоси ин Амри Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Вазорати молияи ҷумҳурӣ аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 639 нафар иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1 миллиону 278 ҳазор сомонӣ маблағ, ба ҳар як нафар 2000 сомонӣ ҷудо намуд.

Тибқи супориши Сарвари давлат кормандони масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони вазорату кумитаҳои давлатӣ дар арафаи ҷашни Рӯзи ғалаба то 5 майи соли равон кумакпулиҳои Пешвои миллатро дар шаҳру ноҳияҳо ба собиқадорони ҷанг расонданд.

*www.president.tj*

# «CASA-1000»
# - лоиҳаи бузурги минтақавӣ

Рӯйдод

***10-12 май чорабиниҳо дар доираи тарҳи сохтмони "CASA-1000" дар Тоҷикистон баргузор мешаванд. Татбиқи ин лоиҳа дар рушди ҳамкориҳои гуногунҷанбаъ ва таъмини амнияту суботи минтақа аҳамияти бузурги таърихӣ хоҳад дошт. Ин тарҳ иқдоме аст, ки бо иштироки чор кишвар - Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон ба иҷро мерасад.***




**Бо** мақсади ҳузур дар маросими ифтитоҳи роҳандозии тарҳи номбурда рӯзи сешанбе, 10 май Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ ба Душанбе ташриф овард. Инчунин ҳайатҳое аз Қирғизистон ва Покистон ҳам иборат аз мақомоти расмӣ ва коршиносони иқтисодию мутахассисони соҳаи энергетикаи ин кишварҳо вориди Душанбе шудаанд.

Дар сурати татбиқи ин тарҳи бузурги минтақавӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ва Қирғизистон имкон пайдо мекунанд, ки солона дар мавсими тобистон дар ҳаҷми 5 миллиард кВ соат нерӯи барқи изофии худро ба кишварҳои Афғонистон ва Покистон интиқол диҳанд. Аз ин миқдор нерӯи барқи содиршаванда 3 миллиард кВт соат нерӯи барқиТоҷикистон хоҳад буд

## "CASA-1000" БО ЧӢ АРЗИШЕ СОХТА МЕШАВАД?

**Ин** саволе аст, ки дар ибтидои ҳар суҳбат садо медиҳад. Аммо Манучеҳр Сафаров -сардори Раёсати тарҳрезӣ, идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва захираҳои оби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бар ин назар аст, ки сарфи назар аз маблағи калоне, ки пешбинӣ мешавад, аҳамияти тарҳ болотар аз он аст. Аз ҷумла лоиҳаи мазкур пеш аз ҳама дар заминаи аз байн бурдани монеаҳо дар робитаҳои байни кишварҳои ҳамкор нақши бузург хоҳад дошт.

Ба гуфтаи ӯ, тибқи санади асосии техникию иқтисодии лоиҳа, қисмати иншооте, ки дар маҳдудаи Тоҷикистон бунёд мегардад, 314 миллион доллар буда, сохтмони хатҳои интиқоли барқи ҷараёни тағйирёбанда, хатти интиқоли барқи ҷараёни доимӣ ва сохтмони як зеристгоҳи конвертерӣ ё табдилдиҳандаи ҷараёни тағйирёбанда ба ҷараёни доимӣ, бо иқтидори интиқоли 1300 мВт дар ҳудуди мавзеи Сангтӯдаро дар бар мегирад. Барои қисмати тоҷикистонии ин лоиҳа аллакай бахше аз маблағҳои зарурӣ ҷалб карда шудаанд. Аз ҷумла, аз Бонки ҷаҳонӣ 45 миллион доллар ба сифати грант, аз Бонки исломии рушд 70 миллион доллар қарзи имтиёзнок, аз Бонки аврупоии сармоягузорӣ 79 миллион доллар, Бонки аврупоии бозсозӣ ва рушд 110 миллион доллар ва Агентии рушди байналмилалии Америка (USAID) 7,5 миллион доллар ва Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир дар ҳаҷми 38, 5 миллион доллар ҳамчун ёрии молӣ ҷудо шудааст. Яъне то имрӯз масъалаи маблағгузории қисмати тоҷикистонии лоиҳаи "CASA-1000" пурра роҳи таъмин ва ҳалли худро ёфтааст.

## БАРОИ ТАРҲИ "CASA-1000" 1 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР ЛОЗИМ АСТ

**Тибқи** нақшае, ки дар ихтиёри рӯзноманигорон қарор гирифт, дар доираи лоиҳа сохтмони иншоот ба ду қисмат ҷудо шудааст. Қисмати сохтмони хатти интиқоли ҷараёни тағйирёбанда аз зеристгоҳи "Датка"-и Қирғизистон то зеристгоҳи Суғд, ки 477 километрро ташкил медиҳад, ки аз ин тахминан 22 километр аз қаламрави Тоҷикистон мегузарад. Инчунин сохтмони хати интиқоли ҷараёни хати тағйирёбанда аз зеристгоҳи "Регар" то "Сангтӯда" дар масофаи 115 километр ва сохтмони 117 километр хати интиқоли барқи ҷараёни доимӣ аз мавзеи Сангтӯда то марзи Афғонистон хоҳад буд. Дар маҷмӯъ сохтмони хати интиқоли барқи ҷараёни доимии тарҳи номбурда беш аз 750 километрро ташкил медиҳад. Сохтмони чунин як хат барои интиқоли доимии барқ, ки дар доираи ин лоиҳаҳои бузург анҷом мегирад, дар ҳар кадоме аз чор кишвари иштирокчӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон аввалин бор сохта мешаванд.

Ба гуфтаи М.Сафаров, дар доираи лоиҳа алҳол озмунҳо идома дошта, барои сохтмони қисмати хатти интиқоли барқи ҷараёни доимӣ дар қаламрави Афғонистон як ширкати чинӣ ғолиб омадааст ва дар ин самт гуфтушунидҳо бо ширкатҳои дигари довталаб низ идома дорад.

Вай тавзеҳ дод, ки тарҳи "CASA-1000" бо маблағи 1 миллиарду 86 миллион доллар ба иҷро мерасад.

Бар асоси барномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 12 майи соли 2016 тибқи тавофуқномаи асосӣ, ки моҳи апрели соли 2015 тарафҳо имзо карда буданд, маросими татбиқи лоиҳа сурат мегирад. Маросими оғози иҷрои ин тарҳ бо иштироки мақомоти баландпоя ва ҳузури Пешвои миллат, муҳтарам, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Турсунзода баргузор мешавад.

## "CASA-1000" НУРИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОНРО БА АФҒОНИСТОНУ ПОКИСТОН МЕБАРОРАД

**Самти** асосии татбиқи лоиҳаи бузурги минтақавии "CASA 1000" бевосита барои интиқоли нерӯи барқи изофӣ аз ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ -Тоҷикистону Қирғизистон ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ -Афғонистон ва Покистон хоҳад буд.

Бар асоси гузориши Вазорати энергетика ва захираҳои об, Шӯрои байниҳукуматии ин лоиҳа, ба шумули намояндагони ҳукуматҳои чор кишвар - Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон тавофуқномаи асосӣ ва созишномаи хариду фурӯши нерӯи барқро ба имзо расонидааст. Бар пояи ин ду санад тарафҳо уҳдадор шудаанд, ки дар давоми як соли оянда бо тасвиби чандин санади дигари меъёрӣ шароитро барои иҷрои густурдаи лоиҳа фароҳам мекунанд. Ин буд, ки дар моҳи апрели имсол парламентҳои ҳамаи кишварҳои аъзои лоиҳа Созишномаи генералиро тасвиб намуда ва ба ҳукми қонун даровarданд.

## БАР ИЛОВАИ ФУРӮШИ БАРҚ ИН ТАРҲ БА ТОҶИКИСТОН БОЗ ЧӢ МЕДИҲАД?

**Коршиносон** бар ин назаранд, ки тарҳи мазкур барои устувортар гардидани мавзеи Тоҷикистон дар бозори минтақавии энергетикӣ мусоидат мекунад.

Ба гуфтаи онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти энергетикиро аз ҳадафҳои стратегӣ дар бахши ноил гардидан ба истиқлолияти энергетикӣ эълон кардааст, ки бо иҷрои тарҳи бузурги номбурда заминаи муносиби расидан ба он фароҳам мегардад.

Дар ин бахш чанд зерсамтҳои фаъолият ҳам маълум шудааст, ки бунёди иқтидорҳои нав, таҷдиду навсозии иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда, кам намудани талафоти нерӯи барқ, сарфаҷӯии барқи истеҳсолшуда, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, яъне намудҳои ғайримаъмулӣ , ба монанди энергияи офтобӣ, бодӣ ва васеъ намудани бозори содиротӣ аз он ҷумла мебошанд.

Бо қатъ шудани хати интиқоли барқи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2009, ки Ӯзбекистон ташаббускораш буд, низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври худкор фаъолият менамояд. Пас аз ин иқдоми кишвари ҳамсоя Тоҷикистон дигар на барқ ворид карда метавонисту на ба дигар кишвар барқ мефурӯхт. Аз ҷумла созишномаи ҳамкорӣ бо Қазоқистон ва Туркманистон дар заминаи фурӯш ва ворид кардани барқ ҳам иҷро нашуда монд. Акнун дар сурати ба иҷро расидани тарҳи "CASA-1000" шароите муҳайё хоҳад шуд, ки кишвари мо дар бозори минтақавӣ мавқеи худро муайян карда таҳким бахшад. Тоҷикистон аз кишварҳои асосӣ дар иҷрои ин тарҳ దониста мешавад. Мо бо ширкати фаъол дар он ба унвони кишвари содиркунандаи нерӯи барқи аз лиҳози экологӣ тоза ба кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубӣ шинохта хоҳем шуд. Аз сӯйи дигар, бо фурӯши барқи худ фоидаи иқтисодӣ дида, аз маблағи ба дастомада метавонем, дар роҳандозии тарҳҳои дигари пураҳамияти миллӣ истифода кунем. Иҷрои лоиҳаи "CASA-1000" нафақат барои рушди истиқлоли энергетикӣ мадад мерасонад, балки дар ҷиҳати татбиқи лоиҳаи корхонаҳои дигари дорои аҳамияти саросарӣ ҳам хидмат хоҳад кард.

**Солеҳ АБДУЛАЗИЗ**

Минбари халқ
11 майи соли 2016,
№19 (1051)

# АҲЗОБИ ТОҶИКИСТОНУ ХИТОЙ ҲАМКОРИҲОРО ГУСТАРИШ МЕДИҲАНД

*Дар заминаи ҳамкорӣ ва боз ҳам мустаҳкам гардонидани муносибатҳо миёни Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Ҳизби Коммунистии Хитой бо даъвати Ҳизби Коммунистии Хитой ва дастури Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳайати намояндагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Муовини Раиси ҳизб Бобоҷониён Р.М. дар ҳайати 20 нафар, аз ҷумла аъзои Кумитаи Иҷроияи Марказӣ, кормандони масъули Дастгоҳи КИМ, раисони кумитаҳои иҷроияи ҳизбии шаҳру ноҳияҳо аз 10 то 20 апрели соли 2016 дар Ҷумҳурии Халқии Хитой сафари корӣ анҷом дод.*



ДАР ҷараёни сафар ҳайати намояндагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон тибқи барнома бо шахсони масъули Ҳизби Коммунистии Хитой вохӯрӣ анҷом дода, бо фаъолияти Кумитаи Марказӣ, сохторҳои ташкилотҳои маҳаллии Ҳизби Коммунистии Хитой, шаклу усули фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ ва давлатӣ, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо шинос гардид. Қобили зикр аст, ки ҳангоми сафари корӣ ҳайати намояндагии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро кормандони масъули Ҳизби Коммунистии Хитой ва ташкилотҳои ҳизбӣ дар тамоми сатҳҳо хеле самимӣ истиқбол гирифта, ба густариши минбаъдаи ҳамкориҳо таваҷҷӯҳи калон зоҳир намуданд.

Дар вохӯрии расмӣ бо муовини Раиси Кумитаи умумихитоии Шӯрои намояндагони халқии Хитой тарафҳо атрофи густариши равобити дӯстонаи Хитой ва Тоҷикистон изҳори ақида намуда, махсусан нақши роҳбарони ҳар ду кишвар ҷаноби Си Тзинпин ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими дӯстӣ ва робитаҳои гуногунҷабҳа қайд гардид. Хоса, доир ба лоиҳаҳои муштараки сохтмонию энергетикие, ки аз ҷониби ин давлат сармгузорӣ гардида, барои пешрафти Тоҷикистон ва болоравии сатҳи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат мусоидат мекунад, андешаҳои судманд баён гардиданд. Ҳамчунин ба муносибатҳои ду ҳизби пешбари ҳар ду кишвар баҳои баланди сиёсӣ дода шуда, баҳри минбаъд вусъат додани муносибатҳо таваҷҷӯҳ зоҳир карда шуд. Ҳамчунин аз ҳамсарҳад будани Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой ва сафарҳои ҷаноби Си Тзинпин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар шуда, қайд гардид, ки Ҷумҳурии Халқии Хитой бо Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад минбаъд низ дар соҳаҳои мухталиф ҳамкорӣ дошта бошад.

Дар вохӯрии расмӣ бо муовини мудири шӯъбаи байналмилалии Ҳизби Коммунистии Хитой ҷаноби Джоу Ли масъалаҳои ҳамкориҳо байни Ҳизби Коммунистии Хитой ва Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баррасӣ гардид. Ҷониби Ҳизби Коммунистии Хитой изҳор намуд, ки омода аст минбаъд барои густариш додани робита ва табодули таҷрибаи пешқадами ҳизбӣ, ҳамкории зичро ба роҳ монда, оид ба бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии кадрҳо дар Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷораҳои мушаххас андешида шавад.

Дар мулоқот бо муовини Директори Раёсати Авруосиёии Шӯъбаи байналмилалии Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Хитой ҷаноби Найчен оид ба табодули таҷриба ва бозомӯзии кадрҳо дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, ҳамкориҳо вобаста ба такмили сохтори ташкилотҳои ҷавонон гуфтугӯи судманд баргузор гардид. Ӯ аз ҷумла қайд намуд, ки ҳоло дар системаи ҷобаҷогузории кадрҳо раванди ҷавонгардонии кадрҳои роҳбарикунанда ҷараён дошта, ба ташаккули тафаккури сиёсии кадрҳои ҷавон таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад.

Ҳайати намояндагии ҲХДТ ҳамчунин тибқи барнома ҷиҳати шиносоӣ аз кори ташкилотҳои ҳизбӣ ва фаъолияти онҳо дар ташкилоту муассисаҳо аз шаҳрҳои Инчуан, Нанкин ва Пекин дидан намуда, бо намояндагони ҲКХ дар ин шаҳрҳо дидор ва гуфтугӯи расмӣ анҷом доданд. Зимни вохӯриҳо маълум гардид, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Халқии Хитой низ ҷиҳати густариш додани робитаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, аз ҷумла табодули таҷрибаи байниҳизбиро ҷонибдорӣ менамоянд.

Дар шаҳри Инчуан бо роҳбарияти ҲКХ мулоқоти расмӣ доир гардида, дар барobари дигар масъалаҳои ҳизбӣ, ҷонибҳо доир ба таҷрибаи пешқадами кори ҳизбӣ андешаронӣ намуданд. Инчунин оид ба паҳлӯҳои вазъи иҷтимоии мардум, раванди густариши иқтисодӣ, истифодаи технологияи муосир дар соҳаи саноат ва дигар ҷанбаҳои кор дар соҳаҳои хоҷагии халқ изҳори ақида карда шуд. Ҳамчунин намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз сохтмони ташкилотҳои ҳизбӣ дар маҳаллаҳои истиқоматӣ ва нақши онҳо дар пешрафти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ дар шаҳри Чжэнсзян дидан намуда, бо роҳбарияти ташкилоти ҳизбии ин шаҳр дидор ва мулоқот анҷом доданд. Ҳангоми мулоқот ҷониби Хитой дар масъалаи бо яке аз шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бародаршаҳр эълон намудани шаҳри Чжэнсзянро иброз доштанд.

Дар шаҳри Нанкин ҳайати намояндагии ҲХДТ бо роҳбарияти Ҳизби Коммунист дар музофоти Сянзи мулоқот намуданд. Ҷонибҳо аз сафари корӣи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой ва сафарҳои ҷаноби Си Тзинпин ёдовар гардида, оид ба рафти амалигардии он тавофуқоте, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин минтақа ба имзо расида буданд, маълумот доданд.

Дар рафти шиносоӣ бо ташкилотҳои ҳизбӣ ва ташкилоту муассисаҳои хоҷагии халқи шаҳри Нанкин маълум гардид, ки ин шаҳри саноатӣ буда, дар натиҷаи ислоҳот ба яке аз марказҳои бузурги иқтисодӣ ва маркази савдои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Гурӯҳи корӣ аз ташкилоту муассисаҳои иҷтимоӣ, вазъи зисти мардум ва нақши ташкилоти ҳизбӣ дар баланд бардоштани некӯаҳволии мардум шиносоӣ пайдо намуд.

Зимни вохӯриҳо ҳайат ба фаъолияти роҳбарони ташкилотҳои ҳизбӣ дар шаҳру деҳот, ташкилоту муассисаҳои шакли моликияташон гуногун таваҷҷӯҳ зоҳир карда, доир ба муҳимтарин самтҳои фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ бо кормандону мутахассисон мубодилаи афкор намуд.

Ҳамчунин намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз идораи рӯзномаи "Жэньминь жибао"-(онлайн) дидан намуда бо фаъолияти он аз наздик шинос гардиданд. Рӯзномаи "Жэньминь жибао" нашрияи расмии Ҳизби коммунистии Хитой буда, яке аз холдингҳои калонтарин маҳсуб меёбад. Дар рӯзномаи мазкур беш аз 1000 нафар мутахассисон кору фаъолият намуда, теъдоди нашри он ба 2 миллиону 800 ҳазор нусха баробар аст.

Ҳангоми вохурӣ онҳо пешниҳоди худро дар бораи ташкил намудани мусоҳибаи эксклюзивиро дар доираи ҷашнгирии 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибрози хоҳишмандӣ намуданд.

Ҳайати намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳангоми сафари расмӣ оид ба масъалаҳои муҳими вазъи Тоҷикистону Хитой, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналмилалӣ бо ҷониби Ҳизби Коммунистии Хитой машварату табодули афкор намуда, якдигарро бо таҷрибаи фаъолияти қонунгузорӣ, сиёсати ҷавонон, робитаҳои байналмилалӣ, сохтмони ҳизбӣ, кори ташкилӣ, рушди тиҷорат ва дигар соҳаҳо, ки ифодакунандаи манфиати тарафайн мебошанд, ошно сохтанд.

Аз сафари расмии ҳайати намояндагони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой маълум гардид, ки робитаҳои байниҳизбӣ бахши таркибии муносибатҳои Тоҷикистон ва Хитой ҳисобида мешаванд ва Ҳизби Коммунистии Хитой омода аст ҳамкории худро бо Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар заминаи усулҳои соҳибихтиёрӣ, баробарӣ, ҳамшарикӣ, эҳтироми тарафайн ва дахолат накардан ба корҳои ҳамдигар густариш диҳад.

**Ҳ. ЮСУФӢ**

*Даврони Истиқлолият дар пешрафти соҳаи тандурустӣ нақши калидӣ дорад. Зеро маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ соҳаи мазкур марҳила ба марҳила рӯ ба рушд ниҳодааст.*

# МИЛЛАТИ СОЛИМ ДАР ҶОМЕАИ СОЛИМ АСТ

**ТАҲЛИЛГАРОНИ** соҳаи тандурустӣ ислоҳоти соҳаи мазкурро дар 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шартан ба чор марҳила ҷудо намудаанд. Марҳилаи аввал солҳои 1993 - 1996-ро дар бар мегирад, ки бо назардошти таъсироти ногувори ҷанги шаҳрвандӣ марҳилаи аввал яке аз давраҳои мушкилтарини ин соҳа арзёбӣ мешавад.

Марҳилаи дуюм солҳои 1997-2001-ро дар бар мегирад, ки дар ин давра нахустин маротиба дар кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ", "Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ то соли 2005", "Барномаи соҳавии ислоҳоти нигаҳдории тандурустӣ барои солҳои 1997 - 2001", як қатор барномаҳои дигари марбут ба соҳаи тандурустӣ таҳия ва қабул карда шуданд.

Марҳилаи сеюми ислоҳоти соҳа солҳои 2002-2009-ро дар бар мегирад, ки он ба дараҷаи муайян мавқеи худро ёфт. Дар ин давра амалисозии аввалин лоиҳаҳои инвеститсионӣ оғоз гардиданд. Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ҳолати мавҷудаи муассисаҳои тиббӣ дар саросари кишвар таҳлил шуда, дар асоси он Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ таҳия ва тасдиқ гардид.

Марҳилаи чорум солҳои 2010-2020-ро дар бар гирифта, ба давраи амалисозии "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020" рост омадааст. Мутахассисону таҳлилгарони соҳаи тандурустӣ ин давраро ҳамчун давраи ниҳоят муҳими ислоҳот ҷиҳати рушд ва тараққиёти соҳа муаррифӣ мекунанд, ки дар он ҳама чорабиниҳои қабулгардида ва амалишаванда мукаммал гардонида хоҳанд шуд. Маҳз дар ҳамин марҳила дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлат бо иқдому ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо давлатҳои хориҷа 20 Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ба имзо расидааст. Дар доираи ҳамкориҳо бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) 25 ҷаласаи Шӯрои тандурустӣ гузаронида шуда, дар рафти ҷаласаҳо масъалаҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, зиёда аз 280 ҳуҷҷат қабул ва 14 Созишнома ба имзо расидаст.

### УСУЛҲОИ МУРАККАБ ВА МУОСИРИ ТАШХИСУ ТАБОБАТ

Яке аз вазифаҳои асосии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчӣ бештар ворид намудани усулҳои мураккаб ва муосири ташхису табобат дар муассисаҳои тиббии ҷумҳурӣ мебошад. Дар ҷумҳурӣ, бо дарназардошти муассисаҳои хусусии тиббӣ ҳоло зиёда аз 25 адад дастгоҳҳои томографияи компютерӣ ва магнитию резонансӣ, 5 адад маммограф, 6 адад ангиограф, зиёда аз 20 адад дастгоҳҳои поксозии хун (гемодиализ) ташхисҳои рентгении рақамӣ, ташхисҳои озмоишгоҳӣ тавассути анализаторҳои автоматикӣ ва дигар таҷҳизоту дастгоҳҳои замонавӣ истифода бурда мешаванд. Солҳои охир дар муассисаҳои тиббии мамлакат бо назардошти пешрафти илми соҳа як қатор амалиёти муосири ҷарроҳӣ, аз ҷумла бартарафсозии нуқсонҳои вазнини модарзодии дил ва ҷарроҳиҳои мураккаби дилу рагҳо роҳандозӣ карда шуданд. Инчунин, дар кишвар амалиёти пешқадами иваз намудани буғуми косу рон ва зону ба буғуми сунъӣ, усулҳои нави ҷарроҳӣ дар чашм, аз ҷумла тасҳеҳи лазерии биноӣ ва ҷарроҳиҳои чашмпарда (катаракта), пайвандсозии қарния, ҷарроҳиҳои ҷоғу рӯй, инчунин ҷарроҳиҳои батнӣ ва ҷарроҳиҳои асаб тавассути дастгоҳи эндовидеоӣ, ҷарроҳиҳои нодир ҳангоми саратони сурхной мавриди истифода қарор гирифта, илова бар ин, дар кишвар обистании экстракорпоралӣ (ЭКО) ба роҳ монда шудааст. Тавассути ҳуҷайраҳои бунёдӣ муолиҷаи беморони дилу рагҳо мавриди амал қарор гирифта, эндоурология ва сангшиканӣ (литотрипсия) дастраси аҳолӣ гардиданд.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, дар даврони Истиқлолият дар маҷмӯъ зиёда аз 1000 дастури клиникии миллӣ баъд аз хулосаи расмии гурӯҳи доимамалкунанда дар самти пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемориҳо тасдиқ ва ба муассисаҳои тиббӣ дастрас гардиданд.

### БУНЁДИ МУАССИСАҲОИ ЗАМОНАВИИ ТИББӢ

Дар даврони Истиқлолият бо дастгирии Ҳукумати мамлакат, ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои хизматрасонии тиббӣ, дар ҷумҳурӣ зиёда аз 1000 муассисаҳои тиббӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар соли ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти кишвар яке аз бузургтарин иншооти соҳаи тандурустии кишвар Маҷмааи тандурустии "Истиқлолият" ба истифода дода шуд, ки он дорои 650 кат ва дармонгоҳӣ барои қабули 800 нафар дар як баст буда, бо дарназардошти бахшҳои ёрирасон иборат аз силсилаи биноҳои аз 1 то 9 - ошёна мебошад, ки аз



ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ сохта шудааст. Бояд гуфт, ки Маҷмааи тандурустии "Истиқлолият" аз лиҳози шароиту имкониятҳои хизматрасонӣ ва муҷаҳҳаз будан бо таҷҳизоту технологияҳои муосир камназир мебошад.

### ҲИФЗИ САЛОМАТИИ МОДАРУ КӮДАК

Ҳифзи саломатии модару кӯдак самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар давраи истиқлолияти мамлакат ҳуҷҷатҳои муҳими байналмилалӣ, аз қабили "Созишнома дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак" (с.1993) ва "Созишнома дар бораи бартараф намудани ҳамаи намудҳои зӯроварӣ нисбат ба занон" эътироф карда шудаанд. Маҳз дар ҳамин марҳилаи таърихӣ баҳри беҳтаркунии дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ ба модарон ва кӯдакон, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои вазъи солимии модарону кӯдакон ва паст намудани фавти онҳо як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ, аз ҷумла қонунҳо, стратегия, нақша ва барномаи миллӣ, қарорҳои дахлдор ва фармоишҳои соҳавӣ тасдиқ ва қабул карда шуданд, ки онҳо барои устувории заминаи меъёрии ҳуқуқии масъалаҳои ҳифзи солимии модару кӯдакон мусоидат намуданд.

Бо мақсади сиҳатии кӯдакон, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар Маркази миллии солимии репродуктивӣ, Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакон", Маркази ҷумҳуриявии барқарорсозии саломатии кӯдакон бо иқтидори 40 кат дар шаҳраки Шифои ноҳияи Ваҳдат, марказҳои ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, шӯъбаи ҷарроҳии кӯдаконаи дилу рагҳо, шӯъбаи ҷарроҳии тармими ҷоғу рӯй ва шуъбаи бемориҳои саратони кӯдакона мавриди истифода қарор дода шудаанд. Гузашта аз ин, яке аз дастоварди моҳиятан муҳими соҳаи тандурустӣ таъсис додани Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тиббию генетикӣ" мебошад, ки бо таҷҳизотҳои муосир ҷиҳозонида шудааст.

### ТАЪМИНИ АМНИЯТИ САНИТАРИЮ ЭПИДЕМИОЛОГИИ АҲОЛӢ

Яке аз самтҳои асосии ҳифзи саломатии аҳолӣ таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолии кишвар маҳсуб меёбад. Ин вазифаи муҳими соҳа ба зиммаи сохторҳои санитарию эпидемиологӣ вогузор шудааст. Барои танзими муносибатҳо вобаста ба таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ қонунҳои соҳавӣ, қарорҳои дахлдор, барномаҳо ва стратегияҳои миллӣ ва нақшаҳои амал дар чор марҳилаи ислоҳоти соҳа қабул, тасдиқ ва дар амал ҷорӣ карда шуданд.

Фотима Ғоибова, сардори маркази матбуоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯяд, солҳои истиқлолият дар ҷумҳурӣ зимни ба роҳ мондани чорабиниҳои пешгирӣ ва зиддиэпидемикӣ сатҳи бемориҳои сироятии бо воситаи об гузаранда, тавассути ҳашарот интиқолёбанда, аз ҳайвонот гузаранда ва бо ваксинатсия идорашаванда сол то сол кам шуда, солҳои охир бемориҳои вабо, тоун ва лептоспироз тамоман ба қайд гирифта нашудаанд. Бемориҳои вараҷаи тропикӣ ва сурхча маҳв шуда, нисбат ба бемории фалаҷ ҳуҷҷати стратегии "Минтақаи озод аз фалаҷ" дастрас шуд. Нисбат ба маҳви вараҷаи серӯза чораҳои омодагӣ идома доранд. Сатҳи бемориҳои сироятӣ дар ин давра аз 0,3 то 167 маротиба коҳиш ёфтаанд.

Мавсуф афзуд, ки дар давраи Истиқлолият муассисаҳои соҳа бо мутахассисони баландихтисос, таҷҳизоти ҳозиразамони озмоишгоҳӣ ва заминаи моддию техникӣ, аз ҷумла нақлиёти хизматӣ таъмин гаштанд. Марказҳо бо компютерҳо, 30 маҷмӯи таҷҳизоти ташхисӣ ва ёрирасон, 8 дастгоҳи реаксияҳои полимеразӣ (барои ташхисгоҳи вирусологӣ) ва таҳлили иммуноферментӣ барои ташхисгоҳҳои вирусологӣ таҷҳизонида шуданд.

### ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб рафта, раванди ислоҳоти иқтисодиёти ҷумҳурӣ хусусияти иҷтимоӣ касб намудааст.

Яке аз дастовардҳои назарраси соҳа ин таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии он мебошад. Бо дарназардошти барномаҳои стратегии кишвар ва ҳадафҳои рушди миллӣ бо мақсади таҳким ва такмил додани пойгоҳи ҳуқуқии соҳа санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор қабул гардидаанд. Соли 1991 аввалин маротиба дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбони яккаву танҳо ташкил карда шуда ва соли 1992 дар назди вазорат аввалин институти илмию тадқиқотии соҳавӣ таъсис дода мешавад, ки айни замон ҳамчун Муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон" фаъолият дорад.

Сипас, соли 1995 дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷанг ва меҳнати "Ямчун" (ҳоло "Бибӣ Фотимаи Заҳро"), соли 1996 Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷанг ва меҳнати "Дӯстӣ" дар вилояти Хатлон, марказҳои минтақавии хизматрасонии пиронсолон ва маъюбон дар ноҳияҳои Ғончӣ, Вахш, Бохтар ва дар шаҳри Истаравшан, соли 1997 Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Ваҳдат, соли 2000 Пансионати ветеранҳои ҷанг ва меҳнати "Харангон" (ҳоло Осоишгоҳи табобатӣ) дар ноҳияи Варзоб, соли 2001 Хона-интернати кӯдакони ноқисулақли "Чорбоғ" ба Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб ва соли 2002 Хонаи истироҳатии "Ромит" ба "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷанг ва меҳнати "Ромит" дар ш. Ваҳдат ташкил дода шуданд.

Илова бар ин, соли 2014 Маркази ҷумҳуриявии тавонбахшии маъюбон ва будубоши доимии пиронсолону маъюбон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон сохта ба истифода дода шуд. Соли 2015 қисми намунавии "Маркази байналмилалии тавонбахшии маъюбон" дар ноҳияи Балҷувон ба фаъолият шурӯъ намуда, сохтмони умумии он барои 100 нафар аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ идома дорад.

### МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

Пешрафти соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба маблағгузорӣ вобастагии зиёд дорад. Бояд зикр кард, ки соҳаи тандурустӣ дар 25 соли Истиқлолият асосан аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ карда шуда, қисман дар асоси барномаҳои миллӣ, соҳавӣ ва лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ дастгирӣ ёфтааст.

Буҷети соҳаи тандурустӣ дар ин давра аз 956 ҳазор сомонӣ ба 1 миллиарду 263 миллиону 900 ҳазор сомонӣ расонида шуд, ки ин нисбат ба соли 1992 1322 маротиба зиёд мебошад. Буҷети имсолаи соҳаи тандурустӣ нисбат ба солҳои 2001 ва 2006 мутаносибан 56,9 ва 11,2 маротиба зиёд мебошад. Маблағгузории соҳа бошад, нисбати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ назар ба солҳои 2001 ва 2006 мутаносибан 2,44 ва 1,69 маротиба зиёд шудааст. Хароҷот нисбати ҳар як нафар аҳолӣ дар соли 2016 147,4 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба солҳои 2001 ва 2006 мутаносибан 33,5 ва 9,0 маротиба зиёд мебошад.

Ҳамин тариқ, ислоҳоти маблағгузории соҳаи тандурустӣ ба ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои КАТС, пардохти маблағ барои ҳар як ҳолати табобат дар хадамоти бистарикунонӣ, баланд бардоштани музди маоши кормандони соҳа ва самаранок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ равона карда шуда, боиси сол ба сол афзудани маблағгузории соҳаи тандурустӣ гардидааст.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

***Ҳанӯз чанде қабл аз эълони маъракаи сиёсии Раъйпурсии умумихалқӣ овозаҳо миёни мардум сару садоҳои зиёде ба миён оварданд. Шаҳрвандон интизор доштанд, то ҳарчи зудтар ба асли ин тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи хешро бидонанд ва аз муҳимияту хусусиятҳои он бохабар гашта, бошуурона дар Раъйпурсӣ ширкат варзида, аз ҳуқуқҳои сиёсӣ бархурдор будани худро бори дигар собит намоянд.***

# Раъйпурсӣ: И
# ВА ҲУҚУҚҲО

**ИНАК,** бо интишори кулли тағйиротҳо ва тафсири васеи заруратӯ асосҳои ин дигаргуниҳои пешниҳодшаванда ба қонуни асосӣ ин имкон пайдо шуд. Вале чандин хонандагони нашрия ва шаҳрвандони дигар дар маъракаҳо боз аз шарҳи баъзе моддаҳо пурсон мешаванд, ки аз зарурати бозгӯ кардани онҳо дарак медиҳад. Азбаски то 22-май-рӯзи Раъйпурсии умумихалқӣ ҳанӯз вақт дорем, тасмим гирифтем, ки ба нияти боз ҳам соддатар фаҳмонидани **бархе** аз тағйиротҳо ва **ташреҳи қисмате** аз нуқоти он, ҳамчунин моҳияту хусусиятҳои чанде аз моддаҳои тағйирёбандаи Конститутсияро, ки ба раъйи мардум пешниҳод шудаанд, барои хонандагони нашрияи хеш, бори дигар тавзеҳ бидиҳем.

Нахуст, қобили зикр аст, ки дониста бошем, ки баргузории ин Раъйпурсии навбатӣ амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои сиёсии мову шумо шаҳрвандони як давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд буда, ифодагари он аст, ки ҳеҷ кори марбут ба ҳуқуқҳои мо ба танҳоӣ ҳаллу фасл намегардад, баръакс, он пеш аз қабул шудан ё аз ҷониби намояндагони интихобкардаи мо (вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ) дар сатҳи олии қонунгузорӣ ва ё дар сатҳи қабули қарорҳо дар маҷлисҳои вакилони маҳаллӣ баррасӣ мегарданд. Баъдан, Раъйпурсӣ шаклии олии ифодаи иродаи сиёсии умумимиллӣ буда, масъалаҳои муҳимтарини Давлат ва халқ, хоса масоили ба Конститутсия- қонуни асосии кишвари мо марбут, танҳо бо ин роҳ, яъне баргузории Райъпурсии умумихалқӣ, амалӣ карда мешавад.

Ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, тавре ки аз баргузориҳои он дармеёбем, кори хеле ҷиддиву муҳими сиёсиест, ки дар ҳоли хеле зарурат афтодан ба тағйиротҳо роҳандозӣ мегардад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳеҷ як қонун догма нест ва ҳатто қонуни асосӣ ҳам аз ин меъёр истисно нест. Яъне, рушди ҷомеъа ва пешрафти инсоният намегузорад, ки тағйиротҳои рухдода инъикоси худро дар қонунҳо наёбанд. Забон рушд мекунад, ибораву истилоҳҳои нав пайдо мегарданд, ки ворид шудани онҳо ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ҳатмист, қонунгузорӣ такмил меёбад ва дар ин замина қонунҳо тағйир меёбанд, меъёрҳои дохилӣ ва байналмилалии қонунҳо низ дигар мешаванд ва мусаллам аст, ки ҳамаи инҳо барои ворид кардани тағйироту иловаҳо заруратро пеш меоранд.

Мутахассисон панҷ омилеро чун зарурати ворид кардани ин тағйироту иловаҳои дар пешистода дар назар гирифтаанд ва омӯзиши онҳо воқеан собит месозанд, ки имрӯз зарурати баргузории раъйпурсии умумихалқӣ фаро расидааст.

Тавре аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, нахуст ба хотири рушди босуботи ҷомеаи муосири мо; баъдан барои такмили равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа; ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафолати риояи онҳо дар марҳилаи нави инкишоф; сониян боз ҳам таҳким бахшидан ба асосҳои конститутсионии ҳокимияти давлатӣ, рукнҳои асосии он, такмил додани низоми мақомоти давлатӣ ва рушди мутақобилаи ҳамкориҳои байни онҳо; ҳамчунин бо назардошти рушди забони давлатӣ ва билохира мутобиқ намудани меъёрҳои Конститутсияи мо бо истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ин дигаргуниҳо ба ин санади муҳим ворид карда мешавад. Тақозои давр аст, ки мардум ин пешниҳодҳоро бипазирад ва раъйи хешро барои амалӣ шудани онҳо бидиҳад.



Агар аз нигоҳи хусусиятҳо моҳиятан ба ин тағйиротҳо назари таҳлилӣ биандозем, чандин зарурати дигари онҳоро дармеёбем, ки воқеан аз ногузирии айни замон ворид кардани онҳо ба Конститутсия дарак медиҳад. Бархе аз тағйиротҳои воридшавандаро, агар раддабандӣ намоем, дар маҷмӯъ онҳо дорои чунин хусусиятҳоянд:

**-конститутсионӣ;**
**-сиёсӣ;**
**-пуррагардонӣ;**
**-мушаххасгардонӣ;**
**-тағйиротӣ;**
**-таҳрирӣ; (имлоӣ)**
**-дақиқсозӣ;**
**-мувофиқгардонӣ;**
**-амниятӣ;**
**-синнусолӣ;**
**-ҳамгунагардонӣ;**
**-тақвиятбахшӣ;**
**-саҳеҳгардонӣ:**
**-таъкидӣ;**
**-сохторӣ ва ғайраҳо.**

Шарҳу эзоҳи кулли тағйиротҳои воридшавандаро хонандагон дар шумораҳои гузашта дарёфта метавонанд, вале фикр мекунем такроран ба қисме аз ташреҳоти ин муқарраротӣ тозаворид баргаштан аз манфиат холӣ нест. Масалан дигар ҷойи баҳс нест, ки аз қавсайн баровардани калимаи Сарқонун ба он хотир аст, ки ин вожа маънои пурраи Конститутсияро фаро гирифта наметавонад ва истифодаи шакли лотинии Конститутсия барои омма фаҳмотар буда, бештар мавриди истифода қарор дошт.

Тағйироти воридшавандае, ки ба қисми дуюми моддаи якуми лоиҳаи мавриди раъйпурсӣ қарордошта ҳам, ба хотири мукаммал намудани ин ҳуҷҷати муҳим амалӣ карда хоҳад шуд. Воқеан, маҳз дар конститутсияҳо бояд муқаррар карда шавад, ки шакли идоракунии ҳар як давлат чӣ гуна аст. Дар кишвари мо солиёни баъди Истиқлолияти давлатӣ **шакли идоракунии президентӣ** пазируфта шуда, то имрӯз идома дорад, вале пурра инъикос наёфтани он дар қонуни асосии давлат зарурати ворид кардани онро ба миён овард, ки он ба раъйдиҳии навбатӣ пешниҳод гардидааст.

Агар аз лиҳози пай дар пайи ба ин тағйиротҳо рӯ биёрем, се тағйироти навбатӣ ислоҳҳои таҳририӣ буда, моҳиятан барои беҳтар шудани ҷиҳати имлоии Конститутсия ба он ворид карда мешаванд. Агар тағйироти якуми моддаи ҳаштум ислоҳи имлоӣ бошад, тағйироти дуввуми он сиёсӣ буда, ба фаъолияти аҳзоби сиёсӣ марбут аст. Воқеан, аз рӯи мантиқ нест, ки ҳизби сиёсии як кишвари дигарро аз мамлакати ғайр сармоягузорӣ намоянд. Оқибатҳои чунин "кӯмакҳо"-ро дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва имрӯз дар дигар давлатҳо ҳамаамон медонем. Манъ шудани аҳзоби хусусияти динӣ ва миллӣ дошта низ рӯшан аст. Зеро дин эътиқоди шахсӣ буда, аз давлат ҷудост ва ба воситаи он сари қудрат омадани ягон ҳизби сиёсӣ, ин бозӣ кардан ва ё истифода намудани эҳсосот ва эътиқоди одамон барои ба даст овардани қудрат барои як гурӯҳи муайян аст, ки чунин бархурд аз рӯи адолат дар муборизаҳои сиёсии миёниҳизбӣ нахоҳад буд. Масалан шиорҳои "Ҳизби худо" ва ё "Ҳар касе бо мо нест, бо Худо нест" ҳеҷ пояи мантиқӣ надошта, сирф истифодаи эътиқоди мардум ба Худо барои ба даст овардани мақсадҳои сиёсист. Мо хуб медонем, ки бо чунин суханпароканиҳо чандин солҳо гурӯҳҳои иртиҷоӣ чӣ дар миқёси олам ва чӣ дар Ватани мо қисмати хелеи мардумро қурбони бозиҳои сиёсӣ кардаанду мекунанд. Аз ин рӯ, манъи истифодаи эҳсосот ва эътиқодоти мардум ба хотири ба даст овардан ё нигаҳдошти қудрати давлатӣ зарур буда, бояд дарк кард, ки чунин шакли таъсиси ҳизбҳо ба идеологияи ягон кишвари демократии дунявӣ созгор нест. Ё ин ки таъсиси ҳизби сиёсӣ дар заминаи истифодаи ном ё мавқеи миллате ҳам ба низоъҳои миллӣ оварда мерасонад, ки оқибаташ боз ҳам нооромии ҷомеа ва миллатпарастиву таззоди миёни халқиятҳо мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳоди чунин як тағйирот ба хотири оромии ҷомеа ва пешгирии низову нифоқ мебошад

Баъди ин, ду тағйироти моддаи чаҳордаҳум пешниҳод мешавад, ки яке хусусияти аниқсозӣ - мушаххасгардонӣ дорад, дигаре бо илова кардани калимаҳои нав (амнияти давлат, му-



# …ОДАИ ИРОДА СИЁСИИ МО





дофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ) ба қисми сеюми моддаи чордаҳ, Конститутсияи тозаинтихоби моро бо санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ боз ҳам мутобиқтар мегардонанд. Се тағйироти ба моддаи понздаҳум воридшаванда ҳам хислатҳои таҳририӣ, мушаххассоз ва ҳаволакунанда (ба қонунҳои конститутсионӣ) дошта, тибқи талаботи Конститутсия муқаррар кардани шаҳрвандии Тоҷикистонро пешбинӣ менамоянд. Аммо қисми дуюми моддаи шонздаҳ, ки ба он ҳам тағйирот ворид хоҳад шуд, дар баробари мушаххас гардонидани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванди хориҷӣ, ҳамчунин масъулиятҳои онҳоро низ мушаххас мекунад.

Бо ташреҳи он ки таҳрири нав ба ҷумлаи дуюми қисми якуми моддаи бисту ҳашт хусусияти конститутсионӣ дода, онро боз пурра мекунад, бояд зикр кард, ки се тағйироти моддаҳои 18, 20, 27 ва қисми сеюми моддаи 32, қисми дуюми моддаи 34 барои тақвиятбахшӣ буда, тағйиротҳои моддаи 37, қисми якум ва сеюми моддаи 40, моддаи 45 хусусияти таҳририӣ доранд. Ҳамчунин яке аз ин тағйиротҳо хатмӣ будани пардохти андозҳоро таъкид месозад.

Чаҳор тағйироти моддаи чилу нуҳум асосан ба аъзои Парлумони кишвар, яъне вакилони Маҷлиси намояндагон ва аъзои Маҷлиси миллӣ мутааллиқанд. Ин воридоти нав ба масъалаҳои мамнӯъ будани душаҳрвандӣ барои аъзои Парлумон, боло бурдани синни вакилӣ ба 5 сол, ( яъне аз 30 солагӣ ) савганд ёд кардани онҳо ба халқи Тоҷикистон, тартиби интихоб ё таъин гардидани депутатҳоро фаро мегирад.

Иловае, ки ба қисми сеюми моддаи 51 дароварда хоҳад шуд, ба моддаи 49 вобастагӣ дорад, яъне сухан дар бораи он меравад, ки агар аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон, мақоми душаҳрвандӣ дошта бошанд, ваколаташон бекор карда мешавад.

Ба моддаи шашту дуюм бошад, ду тағйироте пешниҳод гардидааст, ки ба такроран қабул кардани қонунҳои конститутсионӣ равона гардидаанд. Дар ҳақиқат дар ҳолати вето гузоштани Маҷлиси миллӣ ба қонун, бори дигар ба овоз гузоштани он аз лиҳози теъдоди овозҳо бояд тағйир ёбад. Мантиқан дуруст аст, ки дар ҳолати аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон бо овоздиҳии "аз се ду" ҳиссаи депутатҳо, қонуни қабулшударо баъди баргардониданаш такроран бо овоздиҳии "аз чор се" ҳиссаи вакилон бояд қабул намуд. Пас қабули ин тағйирот барои саҳеҳгардонӣ ва пурранамоӣ дар қабули қонунҳо мувофиқ аст.

Дар қисми сеюми ин модда бошад, дар бораи тафсири Конститутсия сухан меравад, ки ҳамакнун онро бояд Маҷлиси намояндагон қабул кунад ва Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ намояд.

Тағйиротҳои моддаи шасту панҷум бошанд, ба синну соли номзад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танҳо дорои як шаҳрвандӣ будани ӯ дахл доранд. Ин ду тағйирот ба хотири баробар кардани синну соли номзад ба президентӣ бо синну соли узви Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон ва судяҳо дар Конститутсия ва дар айни замон яккела кардани ҳуқуқи онҳо танҳо ба як шаҳрвандӣ (аъзои Ҳукумат ҳам) пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин тағйироти мазкур бо иловаи қисми панҷум меъёреро рӯшан мегардонад, ки он ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат татбиқ нагаштани маҳдудияти дар қисми чорум будаи ин модда, дахл дорад.

*Воқеан, аз рӯи мантиқ нест, ки ҳизби сиёсии як кишвари дигарро аз мамлакати ғайр сармоягузорӣ намоянд. Оқибатҳои чунин "кӯмакҳо"-ро дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва имрӯзҳо дар дигар давлатҳо ҳамаамон медонем. Манъ шудани аҳзоби хусусияти динӣ ва миллӣ дошта низ рӯшан аст.*

Воқеан ба Конститутсия шомил гаштани эътирофи кафили пойдориву бардавомии мустақилияти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдат ва Пешвои миллат будани Президенти Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат" асос ёфтааст ва акнун баъди қабул гаштани тағйиротҳо меъёри конститутсионӣ мегардад, яке аз тағйиротҳои калидии ин пешниҳодот мебошад. Зеро на танҳо халқи Тоҷикистон, балки тоҷикони дунё ҳанӯз то қонунӣ гаштани меъёри Пешво, Пешвои миллати тоҷик будани Эмомалӣ Раҳмонро бо ифтихор эътироф мекарданду чунин номаш мебурданд.

Сипас, 5 тағйироти дигар, ки барои ворид кардан дар моддаи шасту нуҳум пешбинӣ гардидаанд, асосан хусусияти таҳририӣ дошта, ҳамчунин хориҷ кардани баъзе аз банду қисматҳои ин моддаро низ дар назар дорад. Яке аз онҳо масъалаи барҳам додани Шӯрои адлия буда, мутобиқан ба он хориҷ намудани баъзе калимаҳоро фаро мегирад.

Дар тағйироти моддаи ҳафтоду якум бошад, танзими масъалаҳои таъминот, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар шакли қонуни конститутсионӣ пешбинӣ шудааст. Ин тағйирот мақсади яккела намудани танзими ҳуқуқии истифодакунандагони ҳар се шохаи ҳокимияти давлатиро пешбинӣ менамояд . Яъне, то ин дам вазъи ҳуқуқии узви парлумон ва судяҳоро қонунҳои конститутсионӣ муқаррар мекарданд, баъди қабул шудани пешниҳодҳо дар Раъйпурсӣ бошад, вазъи ҳуқуқии Президенти мамлакатро низ қонуни конститутсионӣ муайян месозад.

Тағйиротҳои баъдӣ масъалаи савганд ёд кардани аъзои Ҳукумат ба Президент ва тартиби онро фаро мегирад, ки ба моддаи ҳафтоду сеюм ворид карда хоҳанд шуд.

Баъдан, 12 тағйироти дорои хусусияти таҳририӣ ба 6-моддаҳои баъдии Конститутсия, аз ҷумла моддаҳои 74, 76, 78, 79, 84, 85 пешниҳод гардидааст, ки дар баробари таҳрир боз хусусияти мушаххас кардан ва дақиқсозӣ ҳам доранд. Яке аз тағйиротҳои ин моддаҳои номбурда, ки дар моддаи 78 омадааст, ин тағйир хӯрдани ибораи "Ҳокимияти иҷроия дар маҳал " ба ифодаи "Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ" аст, ки ба хотири мушаххастар намудани номи мақомот мутобиқи қонунҳои амалкунанда мебошад. Ҳамчунин дар ин модда дигар истифода нашудани меъёри **"намояндаи Президент"** нисбати раисони вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо пешниҳод мегардад. Дар моддаи 85 бошад, тағйиротҳо асосан ба вазифаҳо, синну сол, маълумот, якшаҳрвандӣ доштан, синни ниҳоии судяҳо, савганд ёд кардани судяҳо , собиқаи кории судяҳои суди конститутсионӣ, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудаанд, пешниҳод мегарданд. Ин мушаххасоти дар қонунҳои конститусионӣ ҳам дарҷ гардида, акнун меъёри конститутсионӣ мешаванд.

Дар қисми сеюми моддаи ҳаштоду нуҳум қайд мегардад, ки савганди ашхосе, ки бори аввал ба вазифаи судяи суди конститутсионӣ таъин шудааст, низ дар баробари вакилони парлумон, аъзои Ҳукумат ва дигар судяҳо дар сатҳи Конститутсия муқаррар карда мешавад. Ин талабот аз муҳимияти вазифаи судяҳои суди конститутсионӣ дарак дода, масъулияти онҳоро боз ҳам бештар мегардонад. Матни савганди ашхосе, ки ин вазифаҳоро ишғол кардаанд ё баъдан ба онҳо таъин ё интихоб мегарданд, бо тартибе, ки Конститутсия муқаррар мекунад, дар қонуни конститутсионӣ бо баъзе ҷузъиёташон аниқ карда хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, дар моддаҳои 86, 89, 91, 93 низ як қатор тағйиротҳои таҳририӣ пешниҳод гаштаанд.

Дар 40 пешниҳод ба моддаҳои алоҳидаи Конститутсияи (Сарқонун) амалкунанда, ки баъзе аз онҳо боз чанд қисмати дигарро дар бар мегиранд, қариб 80 тағйирот дар назар дошта шудааст. Аз ин миқдор тақрибан 32 тои он хусусияти таҳририӣ (имлоӣ) дорад.

Шаҳрвандони азизи кишвари мо, ба хотири амалӣ кардани ҳуқуқҳои сиёсии хеш ва ба хотири такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ният доранд, ки якдилона ва огоҳона дар ин маъракаи муҳими умумимиллӣ иштирок намуда, бо ифодаи раъйи хеш бори дигар дастгирии худро аз сиёсати давлатӣ собит намоянд.

**Хуриннисо АЛИЗОДА**

22 май - рӯзи раъйпурсии умумихалқӣ

# ОМОДАГИҲО ДАР НУРОБОД

**Бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор намудани раъйпурсии умумихалқӣ барои ворид кардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Точикистон дар ноҳияи Нуробод корҳои омодагӣ идома доранд. Бо қарори комиссияи ҳавзавии раъйпурсии Нуробод № 10, дар ҳудуди ноҳия 52 участкаи раъйпурсӣ таъсис дода шуда, комиссияҳои участкавӣ фаъолият менамоянд.**

**КУМИТАИ** иҷроия дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия гурӯҳҳои таблиғотии ҳизбӣ дар ҳамаи ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия вохӯриҳоро ба нақша гирифта, ҷиҳати иҷрои он иқдом менамоянд.

Дар фаъолияти ташкилоти ҳизбии ноҳия таблиғот яке аз самтҳои асосии кор ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, ба гурӯҳҳои таблиғотии ҳизбӣ шахсони донишманд, суханвар ва бо ҷаҳонбинии васеъ шомил шудаанд. Ҷиҳати барпо намудани вохӯриву мулоқот бо мардум саҳми узви Кумитаи иҷроия, раиси ноҳия Дӯстзода Ҳасан Тағдир ҳам калон аст.

Яке аз чунин вохӯриҳо ҳафтаи гузашта дар деҳоти Муҷихарф баргузор гардид. Дар оғози мулоқот раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Нуробод Махсумҷон Абдуллоев суханронӣ намуда, оид ба зарурату аҳамияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳояшонро баён намуд.



Ҳамин гуна вохӯриҳо инчунин дар марказҳои ҷамоатҳои деҳоти ба номи Иззатулло Ҳалимов ва Ҳакимӣ бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амрихудои Дамдор ва Асозода Хайрулло баргузор гардид, ки дар он муҳтавои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баҳс қарор гирифт.

Вакилони парламент зимни суҳбат бо иштирокчиёни нишастҳо баргузории раъйпурсиро иқдоме дар ҷиҳати устувории суботи сиёсию иҷтимоӣ, таҳкими қонуният ва рушди демократии ҷомеа донистанд.

Ҳамзамон, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз участкаҳои раъйпурсии ноҳия дидан карда, ба фаъолият ва омодагии онҳо ба ин чорабинии муҳими сиёсӣ баҳои баланд доданд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар доираи барномаи омодагӣ ба ин раъйпурсӣ 24-25 апрели соли равон котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Моҳистон Азизова ба ноҳия сафар карда, бо вазъи омодагӣ ва рафти корҳои анҷомшуда шинос шуд. Вай зимни боздид аз ноҳия бо масъулони участкаҳои раъйпурсӣ ҳам мулоқот доир намуда, ба онҳо дастурҳои зарурӣ дод.

Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Нуробод барои ҷалби бештари таваҷҷуҳи мардум ба раъйпурсии дар пешистода корҳои тарғиботиро пурзӯр ва бо ин мақсад зиёда аз 3 ҳазор буклету тақвим низ нашр намуда, дастраси аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳо кард.

Хотирнишон бояд сохт, ки дар фаъолияти хуби кори ҳавзаҳо ва участкаҳои раъйпурсӣ саҳми раиси комиссияи ҳавзавии ноҳия Зафар Ҳисориев назаррас аст.

Фаъолияти гурӯҳҳои таблиғотии ҳизбии кумитаи иҷроия дар ин замина идома дорад.

**С. ЮСУФ**

Парлумон

# 16 НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Рӯзи 5 май таҳти раёсати Маҳмадсаид Убайдуллоев иҷлосияи шашуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум баргузор гардид.**



Дар иҷлосия аъзои Маҷлиси миллӣ 29 масъалаи ба рӯзнома шомилгардидаро баррасӣ намуданд. Масъалаҳои рӯзнома бо хулоса аз гузоришҳои аз тарафи раисон ва муовинони Кумитаҳои Маҷлиси миллӣ - Муҳаммадюсуф Имомзода, Раҳмоналӣ Амирзода ва Қаноатшо Лоиқзода пешниҳодгардида, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба як зумра Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ таҳия гашта, баъд аз қабули Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ унвонии Маҷлиси миллӣ пешниҳод ёфтаанд, бо мавриди муҳокима қарор додан ҷонибдорӣ намуданд.

Аз ҷумла, аъзои Маҷлиси миллӣ дар иҷлосия ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мурофиаи граждании, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва фазои ҳавоӣ, инчунин Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", "Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда" "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро ҷонибдорӣ карданд.

Аъзои Маҷлиси миллӣ зимни баррасии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи рӯзҳои ид" якдилона масъалаи муқаррар намудани санаи 16 ноябр - Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ карданд.

Илова бар он, аъзои Маҷлиси миллӣ пешниҳоди Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон дар бораи бозхонд ва интихоб кардани муовинони раис ва судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии ҷумҳуриро баррасӣ ва ҷонибдорӣ намуданд.

Ҳамин тариқ, бо пешниҳоди Президенти кишвар Абдуҷаббор Сатторзода муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саидалӣ Раҳмонзода муовини раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси Коллегияи ҳарбӣ, Бахтулло Раҳматуллозода ва Саломат Ҳакимзода судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Файзалӣ Комилӣ судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дубора интихоб гардиданд.

Дар иҷлосия, инчунин бинобар сабаби ба кори дигар гузаштан пеш аз муҳлат ваколати узви Маҷлиси миллӣ Раҷаббой Аҳмадзода аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллӣ қатъ карда шуд.

**"МХ"**

# ФАРМОНҲОИ ПРЕЗИДЕНТ ТАСДИҚ КАРДА ШУДАНД

Худи ҳамон рӯз ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев баргузор гардид.

Дар кори он, дар радифи аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Сарвазир, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Парлумон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Раиси Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Палатаи ҳисоб, Раиси Бонки миллӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон бо интихоби котибот ва муқаррар намудани тартиби кори ҷаласаи якҷоя ба баррасии масъалаи рӯзнома, ки аз тасдиқ намудани фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буд, шурӯъ намуданд.

Дар иртибот ба ин, дар ҷаласаи сеюми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум, зимни гузориши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода фармонҳои Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи аз вазифаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҷабборова Марҳабо", "Дар бораи аз вазифаи Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Зокирзода Маҳмадтоир Зоир", "Дар бораи аз вазифаи Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ятимзода Акбар Табарӣ", "Дар бораи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Зокирзода Маҳмадтоир Зоир", "Дар бораи Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Сатторӣ Изатулло" ва "Дар бораи Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Аҳмадзода Раҷаббой" тасдиқ карда шуданд.

Дар фарҷоми ҷаласа Маҳмадсаид Убайдуллоев дар иҷрои вазифаҳои баланди хизмати давлатӣ ба мавсуф муваффақиятҳои беназир таманно намуда, аз кулли иштирокчиён даъват ба миён овард, ки баҳри истиқболи сазовори 71-уми солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва дар доираи сиёсати ғамхоронаю иҷтимоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бо ғамхориҳои рӯзафзун фаро гирифтани ин қишри хидмат нишон дода, ки имрӯз ниёзманди дастгирияанд муттасил тадбирҳои муассиру судманд андешанд.

**"МХ"**

**Дар доираи таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо ташаббус ва эҳтимоми Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Корвони рӯзноманигорон" таъсис дода шуд, ки ба он намояндагони ВАО-и мухталифи расмӣ ва хусусӣ шомил гардиданд. Ҳадафи корвони мазкур доир намудани мулоқоту вохӯриҳо бо мардуми ин минтақаи биҳиштосои кишвар ва инъикоси воқеаи ҳаёти мардум ва дастовардҳои даврони истиқлолият аст.**

# КОРВОНИ ВАҲДАТУ ҲАМДИЛӢ



Рӯзи 9-май "Корвони рӯзноманигорон" аз Душанбе ба самти ВМКБ ҳаракат намуда, ба ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Рошткалъа тақсим шуданд. Рӯзи 12 май дар доираи тантанаҳои ҷумҳуриявии ҷашни Рӯзи ваҳдати миллӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар мавзӯи "Нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими ваҳдати миллӣ" мизи гирд доир мегардад, ки дар он намояндагони ВАО-и кишвар ва масъулони дигар мақомоти дахлдор ширкат хоҳанд варзид. Дар доираи ҳамоиши мазкур ташкили намоиши рӯзномаву маҷаллаҳои ватанӣ дар назар аст.

Бояд зикр кард, ки санаи 10 май рӯзноманигорон бо Раиси шаҳри Хоруғ Қимматгул Алибердиева мулоқот анҷом доданд.

Раиси шаҳри Хоруғ бо истиқболи гарм меҳмононро "Хуш омадед!"- гуфта, иқдоми баргузории чунин як чорабинии муҳимро дар маркази вилоят ва бо иштироки рӯзноманигорон, коршиносон ва мақомоти маҳаллӣ амали судманд унвон кард.

Вай таъкид кард, ки "Ҳар вохӯриву дидоре, ки бо ширкати меҳмонони олиқадр дар маркази вилоят ва ноҳияҳо баргузор мегардад, барои таъмини таҳкими субот аҳамияти хоса дорад.

Вай инчунин конференсияи "Нақши ВАО дар таҳкими Ваҳдати миллӣ"- ро як василаи хуб барои изҳори назар ва табодули афкор байни рӯзноманигорон ва мақомоту кормандони ниҳодҳои гуногун донист.

Раиси шаҳри Хоруғ инчунин бо ёдоварӣ аз чорабиниҳое, ки Ҳукумати маҳаллӣ ва сокинони шаҳр ба он тайёрӣ мебинанд, иброз дошт, ки яке аз чунин иқдомот омодагиҳо ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва таҷлили ботантанаи 19-умин солгарди он дар маркази ВМКБ мебошад:

- Мо, мардуми шаҳру вилоят омадани Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мақсади иштирок дар тантанаҳои ҷашни Ваҳдати миллӣ бесаброна интизорем".

Қ. Алибердиева қайд кард, ки Ваҳдати миллӣ рамзи баҳамойиву сарҷамъӣ, иттиҳоду яганагӣ аст. "Агар Ваҳдат намешуд, шояд чунин шароит бароямон даст намедод ва ҳамдигарро намешинохтем".

Ба иттилои раиси шаҳр пас аз ба даст овардани истиқлолият ва хусусан баъди имзои созишномаи истиқрори сулҳ дар соли 1997 симои шаҳри Хоруғ оҳиста-оҳиста дигаргун гардида, имрӯз аз 10 соли пеш ба куллӣ фарқ мекунад. Созандагиву бунёдкорӣ бо суръат пеш меравад.

Ба гуфтаи ӯ, - айни ҳол сохтмони беш аз 50 иншооти таъиноташон гуногун бо маром идома дошта, бунёди аксари онҳо дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ ва 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз анҷом меёбад.

Пас аз мулоқот гурӯҳи рӯзноманигорон бо раҳнамоии мавсуф бо иншооте, ки дар рӯзҳои таҷлили ҷашн мавриди баҳрабардорӣ қарор дода мешаванд, ошно гардиданд. Рӯзноманигорон аз чашмаи Носири Хисрав, осорхонаи ин шоир ва мутафаккири бузурги Шарқ, бозори байнисарҳадӣ, шаҳраки Тем, ки дар он бунёди 15 000 манзили зист дар назар аст, корхонаи коркарди картошка ва истеҳсоли "чипс", маҷмааи варзишӣ ва меҳмонхонаи замонавии чорситорадор, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, ки дар масоҳати 87 гектар бунёд шуда истодааст ва ширкати "Помир-энержи" боздид анҷом доданд.

Худи ҳамон руз дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев бо донишҷӯён мулоқот доир гардид, ки дар он Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Х.Холиқназарзода ва Раиси Иттифоқи журналистони кишвар З. Исмоилзода оид ба Ваҳдати Миллӣ ва саҳми он дар таҳким ва ташаккули давлатдории миллӣ баромад намуданд.

Оид ба сафари мазкур дар шумораҳои навбатии ҳафтанома гузориши муфассал пешниҳод мегардад.

"МХ"




# ҶАВОНОНИ БОИСТЕЪДОД ФАРДОИ МИЛЛАТАНД

**Соли гузашта дар Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд маркази мартаба таъсис ёфт. Ҳадаф аз ташкили маркази мазкур мустаҳкам намудани робитаи донишкада бо коргоҳҳою ширкатҳо ва дар ин замина таъмини мутахассисони арзанда бо ҷойи кори мувофиқ мебошад.**

Маркази мазкур аз рӯзҳои таъсисёбии худ кӯшиш намуд, то бо корхонаву ташкилотҳои ҳудуди вилоят ва берун аз он дар робитаи мустаҳкам бошад. Аввалин қадаме, ки дар ин самт гузошта шуд, ин тартиб додани маълумоти пурраи 1142 хатмкунандагон (CV) бо назардошти ихтисос, фаъолият дар раванди таълим, иштирок дар олимпиадаву озмунҳои инноватсионӣ, одобу рафтор ва малакаи ҳунаромӯзии онҳо буд. Ин ҳама маълумот дар системаи итилоотии донишкада ҷойгир карда шуд ва корфармоёне, ки дар доираи шартнома бо донишкада ҳамкорӣ доранд, тавонистанд бо ин маълумотнома ошной пайдо намоянд. Маркази мазкур ҳамчунин бо мақсади аз наздик ошной пайдо кардани хатмкунандагон бо шароити кор 30 нафар хатмкунандагонро бо коргоҳи коркарди меваи хушки "Голден фрукт"-и шаҳри Исфара бурд ва онҳо ҷаҳони маънавии худро аз ин сафар боз ҳам ғанитар намуданд.

Бо мақсади дарёфт, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар самти лоиҳанависӣ ва мусоидат ҷиҳати истифодаи самараноки офаридаҳои онҳо, ширкат дар рушди технологияҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва бар ин васила муаррифӣ намудани Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои зеҳнӣ бо ширкати беш аз 10 корхонаву ташкилот устодони донишкада муаррифии 40 лоиҳаи беҳтарин сурат гирифта, беҳтарин лоиҳаҳо аз ҷониби ташкилотҳо пазируфта шуданд.



Ҳоло донишкада бо 220 корхонаву ташкилоте шартномаи ҳамкорӣ дошта, онҳо омодагии худро барои таъмини ҷойи корӣ ироз доштаанд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ бо иқдоми Раёсати Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ярмарка таҳти унвони "Интихоби мутахассисони арзанда" доир гардид. Ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур нишон додани самараи фаъолияти маркази мартабаи донишкада ва робитаи онҳо бо корхонаву ташкилотҳо маҳсуб меёфт.

Барои дарёфти мутахассисони арзанда зиёда аз 60 коргоҳу ширкат аз ҷумла, ширкатҳои сохтмонии "Тиниал", "Равзана пласт", "Старпласт", бонкҳои "Спитаменбонк" "Бонки байналмилалӣ", "Агроинвестбонк", "Матин", коргоҳҳои истеҳсолии "Дӯсти Амирхон", "Зода", "Яхмоси 33" "Ҷавонӣ", Ҷамъияти саҳомии "Сорбон", "Барқи тоҷик", Маркази забономӯзии "Аркон", ширкати манбаҳои энергияи азнавбарқароршавӣ, ширкати тарибаи пешқадам дар бизнес ва молия дар ярмарка ширкат доштанд.

Дар фарҷоми чорабинӣ мулоқоти озоду шаффофи масъулини корхонаҳо бо беш аз 1142 хатмкунандаи донишкада сурат гирифт. Кордиҳанда, яъне ташкилоту корхонаҳо фаъолияти худро бо назардошти имкониятҳо ва афзалиятҳо нишон доданд, ва барои ишғоли вазифаҳои муайяншуда мутахассисони варзидаро интихоб намуданд.

Бо ҳамин чорабинӣ анҷом ёфт.

**Абдусабур АБДУВАҲҲОБОВ**, *рӯзноманигор*

# АНДАР ЭҲЁИ ЗАБОНИ МИЛЛАТ

***сухане чанд дар боби китоби Пешвои миллат «Забони миллат - ҳастии миллат»***

**Масъалаи забони тоҷикӣ ва ҷойгоҳи он дар зиндагии миллати мо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон будааст. Маҳз бо дарки аҳамияту арҷи ҳамин масъала дар радифи масоили доғи мамлакат мавзӯи камолу боландагии забон ҳаргиз аз мадди назари Пешвои миллат дур намондааст. Пажӯҳишҳое, ки дар заминаи аҳамияти забон анҷом додаанд, манбаи илҳомбахш барои дӯстдорони забони тоҷикӣ ва муҳаққиқону пажӯҳишгарони олами зебову розолуди он мебошад.**

Забони тоҷикӣ забонест, ки дар таърих мағлуби ҳеҷ ғолибе набуда ва ҳамеша забони истилогарони даврро тобеъ ба вижагиҳои овоиву сохтории худ намуда, "...забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он "Авесто"-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки "Худойномак"-у "Таърихи мулуки Аҷам"-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом "Шоҳнома"-ву "Маснавии маънавӣ"-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи Шӯравӣ ба ҳар навъе аз бӯҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро ба қалами Айниву Турсунзода ва Аллома Ғафуров бинависад" (Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. -Душанбе, 2016, саҳ.41).

Китоби тозанашри Пешвои миллат таҳти унвони "Забони миллат - ҳастии миллат" аз ҷониби матбааи "Эр-Граф" ба нашр расид, ки воқеан, он ифодагари таҳаввули навине дар таърихи забони тоҷикӣ ва баёнгар, балки тараннумгари азамату бузургии ин забону ин миллати куҳанбунёд мебошад.




Чи тавре аз мухтавои китоб бармеояд, Пешвои миллат тасмим гирифтаанд, то таърихи забони тоҷикиро дар силсилае бо унвони "Забони миллат-ҳастии миллат" ба нашр расонанд. Ва ин китоб китоби аввал аст. Аз нигоҳи сохторӣ китоби мазкур дар баробари муқаддимаву хулоса ва китобнома фарогири 6 боб мебошад, ки ҳар бобе аз се то панҷ фаслро дар бар мегирад. Он танҳо як навиштае дар бораи таърихи забони тоҷикӣ нест, балки доиратулмаорифест, ки бо такя ба сарчашмаҳову марҷаъҳои муътамади илмии ватаниву хориҷӣ, қадимиву имрӯзӣ рӯйи коғаз омадааст, то "хонандагон, махсусан насли ҷавони мо, огоҳ бошанд, ки ниёкони онҳо, сарфи назар аз номулоиматӣ ва номеҳрубониҳои таърих, то чӣ ҳад дар ҳифзи ватан ва муқаддасоти миллӣ, махсусан забони модарии хеш, кӯшиш ба харҷ дода, барои мо забони тавоноеро якҷо бо чунин осори арзишманди адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштаанд".

Давраи таърихи ташаккул ва даврабандии забонҳои эронӣ дар китоб муфассал таҳқиқ гардида, умумият, тафовут, густариш ва вижагиҳои онҳо возеҳу равшан баён гардидааст. Андешаҳои донишмандони русу аврупоиро оид ба ин масоил оварда, омилҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар марҳилаҳои ташаккул ва такомули забонҳои эронӣ нишон дода аст. Забонҳои эронӣ аз рӯи хусусиятҳои таърихии худ гурӯҳбандӣ гардидаанд. "Забонҳои эронӣ бар асоси бархе аз вижагиҳои таърихии овоӣ ба ду дастаи бузург: ғарбӣ (шимолу ғарбӣ - модӣ, портӣ, курдӣ, толишӣ, симнонӣ, балуҷӣ ва ғ., ҷанубии ғарбӣ - форсии бостон, форсии миёна, форсӣ, тоҷикӣ, тотӣ, лаҳҷаҳои Форс ва ғайра) ва шарқӣ (шимоли шарқӣ - скифӣ, аланӣ, суғдӣ, хоразмӣ, осетинӣ ё осӣ, ягнобӣ) ва ҷануби шарқӣ - сакоӣ, бохтарӣ (кӯшонӣ), афғонӣ (пушту), мунҷонӣ, забонҳои помирӣ гурӯҳбандӣ шудаанд" (Забони миллат-ҳастии миллат, саҳ.55).

Баҳси муфассале, ки муаллиф дар боби дуввуми китоб пиромуни чигунагии таърих ва пайдоиши вожаи тоҷик ва хостгоҳи забони тоҷикӣ намудааст, ба ҳама он ҳадсу гумонҳое, ки дар атрофи вожаи мазкур ва хостгоҳи ин забон гуфта мешуд, хати бутлон кашид. Баъди хондани ин боб дар зеҳни хонанда дигар суоле атрофи чигунагии ба майдон омадани вожаи тоҷик ва муродифоти маъмули он дар дарозои таърихи форсу тоҷик боқӣ намемонад.

Чи тавре ки маълум аст, дар нимаҳои асри 7 то нимаҳои асри 9 милодӣ забони форсии тоҷикӣ то ҳадде ба рукуд рафт ва ин давра донишмандон чун ду асри сукути забони тоҷикӣ ёдовар мешаванд. Муаллиф бо ишора ба ин давраи забони тоҷикӣ ба омилҳои пояндадории ин забон таваҷҷуҳи хонандаро ҷалб намуда, аз ҷумла, таъкид месозад, ки маҳз муносибати оқилонаи фарзандони фарзонаи миллат забонро аз нестӣ нигаҳ дошт. "Лозим ба таъкид аст, ки дар баробари ҳамин гуна хатар дар ҳамон замони истилои араб мардуми кишварҳои дигар, аз қабили Миср, Ироқ, Сурия ва ғайра, ки дорои фарҳангу тамаддуни қадимӣ буданд, ҳувияти маънавии хешро аз даст доданд ва "араб" гаштанд. Хушбахтона, чунин сарнавишти талх насиби гузаштагони огоҳу бедордили мо нашуд, зеро дар он марҳилаи ҳассоси таърихӣ омилҳое рӯйи кор омаданд, ки бо тавфиқи талошҳои поймардонаи ниёкони огоҳу бедордили мо баҳри ҳифзи ҳувият ва асолати фарҳангу тамаддуни ориёӣ мусоидат карданд (саҳ.175) .

"Забони навиштории тоҷикӣ: давраи оғозин" унвони боби 4-уми китоби "Забони миллат-ҳастии миллат" мебошад, ки дар зимни он ба бисёре аз масоили мубрами забоншиносӣ ва дар навбати худ бисёр муҳими таърихӣ ишора шудааст. Муаллиф дар баробари зикри нахустин навишторҳои тоҷикӣ, ки то имрӯз дастраси донишмандон гардидааст, ба ин ҳақиқати таърихӣ-сукути дуасраи забони тоҷикӣ ишора карда, барои шинохти чигунагии забони ондавраинаи тоҷик пешниҳод менамояд, ки тамоми вожаву ибора ва ҷумлаҳое, ки дар мутуну сарчашмаҳои таърихӣ алоҳида ва ё дар зимни ҷумлаву матнҳои арабӣ омадаанд, гирдоварӣ шуда, ҳайкали забон дар он асрҳо тарсим гардидааст. Пешвои миллат аз кори фарзонагоне, аз қабили Абӯрайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, ки дар тоҷикӣ намудани истилоҳоти арабӣ саъй намудаанд, чунин ёдовар шудааст: "Бояд таъкид кард, ки аз нигоҳи истилоҳот ва сабки нигориш "Китоб-ут-тафҳим"-и Берунӣ ва "Донишномаи Алоӣ"-и Ибни Сино дар миёни осори куҳани илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мақоми хос ва аз ин осор бартарии возеҳ доранд... Дар асрҳои баъдӣ Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1072) дар таълифоти фалсафии худ, аз ҷумла дар "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн" ин роҳи пешгирифтаи Ибни Сино ва Берунӣро идома додааст" (саҳ.259-260).

Ошноӣ бо дидгоҳҳои муҳаққиқона ва таҳлилии муаллифи асар дар иртибот ба донишмандони саршиноси миллат ва ситоиши заҳмату ранҷи онҳо ҳар касро ба андешаву тааммул водор месозад. Бад-ин маънӣ, ки дар ин асри пуртазод вусъату паҳнои раванди ҷаҳонишавӣ, замоне, ки хатари нобудии ҳар забоне беш аз пеш гаштааст, мо муҳаққиқону пажӯҳандагони забони тоҷикиро лозим аст, ки барои ҳифзу покиза нигаҳдории он дар ҳама самтҳо чӣ истилоҳофариниву истилоҳгузинӣ, чӣ калимасозиву таркибофаринӣ саъйю талош варзем, то амонате, ки ниёгони мо ба мерос гузоштаанд, осебпазир набошад.

Дар поён изҳор бояд дошт, ки китоби "Забони миллат - ҳастии миллат" аз падидаҳои хушоянду муҳими ҷомеаи илмиву фарҳангии имрӯзи мост.

**Рустам ШОДИЕВ,**
**Кароматулло ИСМОНОВ,**
*устодони ДМТ*

## *Тоҷикистон*

***Тоҷикистон -***
***- мугҷае дар навдаи сабзи дарахти пири Таърих,***
***к-инак омодаст бар бишкофтан,***
***бишкуфтан,-***
***- тухма аз Сосониён дорад,***
***реша дар Сомониён дорад.***
***Богбоно!***
***Мугҷаро нашъу нумӯ бояд.***
***Панҷаи гарму***
***дили нарму***
***ниятҳои накӯ бояд.***
***Навда то дигар нахушкад***
***Аз газанди бод***
***в-аз бедод,***
***Оби дарёи Аму бояд.***
***То намирад мугҷа ҳамчун тифлаке***
***дар батни модар***
***(мисли пешин).***
***Орзу кам.***
***Чашми бино,***
***ақли гиро,***
***дасту бозуи тавоно,***
***ҷустуҷӯ бояд.***
***Сабзу ҳам сероб то монад ҳамеша***
***тухма, реша,***
***Хок поку тозаву тар бод.***
***Мугҷа бандад то даме ки буда навда,***
***Офтобаш рӯи сар бод.***

Декабри соли 1992

*Ҷӯёи САМАРҚАНДӢ*

# ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ

**Табиати Тоҷикистон аз тамоми намуди растаниҳои шифобахш бой аст. Дар гирду атрофи мардуми мо гиёҳҳое мавҷуданд, ки алайҳи тамоми намуди бемориҳо мубориза бурда метавонанд ва ҳатто ба воситаи онҳо бемориҳои вазнин, ба монанди саратонро пешгирӣ кардан мумкин аст.**

**АММО** барои оне, ки дар бораи гиёҳҳо ва растаниҳои шифобахши кишвари мо маълумоти кофӣ расонида нашудааст, баъзе одамон аз чӣ қадар фойдаовар будани бештари сабзавоту меваҷот, умуман, растаниҳо ба хубӣ огоҳ нестанд. Дар шумораи гузашта мо дар бораи калтсий маълумот дода дар таркиби кадом намуди маҳсулот мавҷуд будани онро каму беш оварда будем. Инак, чанд номгӯи растаниҳоро низ, ки аз калтсий бой ҳастанду дар табиати Тоҷикистон фаровонанд ва дастрас кардани онҳо осон мебошад дар ин ҷо меорем.

Сесанбар (чабрец) яке аз гиёҳҳоест, ки аз калтсий бой буда аз 100 г он 567мг калтсий дарёфт кардан мумкин аст. Тухми кунҷит низ дар таркибаш калтсий дорад. Бахусус, аз 100 г тухми бирёншуда ва ё хушкшудаи кунҷит то 989 мг калтсий гирифтан имкон дорад. Донаи бодом сарчашмаи асосии калтсий аст. Аз 100 г донаи бодом қариб 99%- и онро калсий ташкил медиҳад. Донаи зағер низ аз калтсий холӣ нест. Махсусан, равғани зағер барои додани калтсий ба организми инсон хеле қулай аст.

Инчунин кабудиҳо низ дар таркибашон калтсийи кофӣ доранд, ки истеъмолкунандагони он метавонанд аз он маводи даркориашонро ба даст оваранд. Ба ин намуди кабудиҳо ҳардал (горчица), барги шалғам,барги қоқу, карам (ҳамаи намудҳояш) ҷаъфарӣ, укроп, гашнич, исфаноҷ, каду ва ғайра дохиланд . Дар меваҷот бештар дар таркиби олуболу, зардолу, бектошӣ, шафтолу калтсий вуҷуд дорад.

### ЧАРО БОЯД СӮИ ДОРУХОНА ШИТОБЕМ?

**ИМРӮЗ** чунон ки барои якояки мо маълум асту аз дидаҳо дур нест, баъди ҳар як қадам мондан дар рӯ ба рӯи мо аз ҳама зиёд дорухонаҳо ва ошхонаҳо ба назар намоён мегарданд. Дар баробари он ки миқдори дорухонаҳо зиёд шуда истодааст, ҳамон қадари дигар муштариёнаш афзунтар мешавад. Одамон ба дорухонаҳо дилбастагиии зиёде доранд ва фикр мекунанд, ки "наҷот"-и онҳо дар дасти доруфурӯшон бошад. Дар назди нуқтаҳои доруфурӯшӣ, ҳатто лаҳзаҳое мешавад, ки навбат меистанд. Баъзе модарон пеш аз оне, ки кӯдакашон як сулфаи ногаҳонӣ занад, дасташро маҳкам дошта ба назди дорухона барои "Сироп" ва ё " Стоп Грипп" метозанд. Бехабар аз оқибат, фарзандонашонро аз кӯдакӣ ба хӯрдани дору одат мекунонанду баъди чанде " Стоп Грипп" дигар таъсире ба дармони онҳо нахоҳад гузошт. Ногуфта намонад, ки дар шабакаҳои телевизионӣ ҳам аз ин гуна доруҳо "таъриф"-и зиёд мешавад. Бинобар, мардум ҳам шефтаи ин таърифҳо шуда дар гирди дорухонаҳо парвонаанд. Дуруст аст, ки доруҳо дардро карахт мекунанд, вале ҳеҷ гоҳ ба пуррагӣ дармон кардани дардро то ҳанӯз ҳеҷ кас кафолат надодааст, ҷуз доруҳое, ки дар ҳақиқат аз гиёҳҳо тайёр карда шуда, аз моддаҳои кимёвӣ холӣ бошанд.



### 10 НАМУД САБЗАВОТЕ, КИ БЕМОРИИ САРАТОНРО ПЕШГИРӢ МЕКУНАНД

**МУВОФИҚИ** таҳқиқу таҳлили олимони соҳаи тиб дар табиат гиёҳҳое мавҷуданд, ки метавонанд инсонро аз марг наҷот диҳанд. Вале ҳанӯз ин масъала ҳалли худро ба пуррагӣ наёфтааст. Ҳастанд гиёҳҳо ва ё сабзавоту меваҷоте, ки бо истифодаи онҳо бемориҳои вазнин пешгирӣ карда мешаванд. Дар бораи баъзе сабзавоте, ки дар ҳақиқат аз бемории чун саратон пешгирӣ менамоянд, хабар дода шудааст.

u **СИР (Чеснок).** Сир на танҳо баданро аз микробҳо ҳимоя мекунад, балки бо ёрии пайвастагиҳои махсуси дар таркибаш буда, ҳаракати муқобилиятнишондиҳии ҳуҷайраҳоро тез мекунад, то ба муқовимат кардан бо саратон ҷавобгӯ бошанд. Олимон аллакай исбот кардаанд, ки сир инкишофи дарди қалб ва инсултро паст мекунад. Тадқикот маълум кардаст, ки онҳое, ки сирро доимо истифода мекунанд, ба саратони меъда ва рӯда дучор намешаванд. Дар баробари ин олимони соҳаи тиб тавсия медиҳанд, ки ҳатто одамони солим низ бояд дар як ҳафта на камтар аз 5 дона сирро истеъмол намоянд.

u **ЛӮБИЁ**. Беҳтарин сарчашмаи таъминкунандаи организми инсон аз ҳуҷайраҳои солим ва бақувват аст. Бинобар ин, лӯбиё хусусияти мубориза ба муқобили бемории саратонро дорост. Лӯбиё дар таркибаш баъзе моддаҳои фитокимиёвие дорад, ки тозагӣ ва солимии ҳуҷайраҳоро таъмин менамоянд ва ё ин омилро ба вуҷуд меоранд. Он метавонад организми инсонро аз намудҳои гуногуни саратон муҳофизат намояд ва ё инкишофи онро дар узвҳои ҳозима пешгирӣ кунад.

u **САБЗӢ.** Ба ҳама маълум аст, ки сабзӣ дорои антиоксидҳои бақувват ва сарчашмаи бета-каротинҳо мебошад. Вале на ҳама медонанд, ки ин моддаҳо ва таркибот афзоиши намудҳои муайяни саратон- даҳон ва ҳалқ, ғафсрӯда, масона, ғадудҳои зери меъдаро пешгирӣ мекунад. Тадқиқоти урологҳо муайян кардаст, ки сабзӣ метавонад то чанд андозае ба муқобили саратони масона мубоиза барад.Барои профилактикаи бемории сахти саратон сабзии тоза ва ё мураббои онро метавон ба кор бурд, вале ба ҳар ҳол шакли аслии он беҳтарин воситаи мубориза ба зидди саратон аст.

u **ГУЛКАРАМ.** Гулкарам - ин растание аст, ки қодир ба безарар ва ҳатто таъсири харобиовар расондан ба саратонро дорад. Гулкарам ҳамчун антиоксидант (antioxidant) амал ва инкишофи ҳуҷайраҳои инсонро барои тайёр кардан ба муқовимат бар зидди бемории саратон равона мешавад. Бештар гулкарами ҷавон муфидтар аст, зеро ки онҳо дорои як қатор унсурҳои зидди саратонро дар худ бештар маҳфуз медоранд. Донаи гулкарам низ, барои мубориза бар зидди саратон муфид аст. Пас, барои нигоҳ доштани саломатии худ, ба ғизои тайёркардашуда чанд донаи онро илова кардан аз манфиат холӣ нест.

u **ҚАЛАМФУРИ КЕЙНӢ.** Ин навъи қаламфур, гарчанде ки дар натиҷаи истеъмолаш забону дандони инсон сахт ба сӯзиш медарояд, аммо беҳтарин ҷавҳари мубориза бар зидди ҳуҷайраҳои саратонро дар таркибаш дорад. Истифодаи он аз тобовардани ҳар як шахс вобаста аст, зеро чунонки дар боло зикр гардид, даҳону забонро сахт ба сӯзиш меорад. Ин омил инчунин бактерияҳои зукомро зуд нест мекунад.

u **ЗАМБУРӮҒ.** Замбурӯғ на танҳо маводи ғизоӣ барои тамоми аъзои бадани инсон аст, балки дар мубориза бар муқобили саратон низ хеле фаъол аст. Шаш ҳазор сол пеш замбурӯғи Осиё, ба хусус Тоҷикистонро дар Чин ба мақсади табобати беморони дарборӣ истифода мекарданд. Замбурӯғҳои фойидаовар ба навъҳои гуногун ҷудо мешаванд. Барои мисол замбурӯғҳои қориҷ, решӣ, қориҷи садаф ва ғайраҳо. Замбурӯғҳои Осиёи марказӣ аз дигар замбурӯғҳо бартарият доранд. Онҳо аълосифат буда, муборизи бақувват бар зидди инкишофи ҳуҷайраҳои саратон ва ҳамчунон касалиҳои ба монанди простата мебошанд. Ин андеша дар натиҷаи тадқиқоти зиёд олимони соҳаи тиб тасдиқ гардидааст.

u **МАРМИНҶОН.** Марминҷон (малина) ин манбаи антиоксидантҳо ва дигар моддаҳои зарурӣ барои бадани инсон аст, ки онро аз таҳдиди бемории саратон ҳимоя мекунад. Таҳқиқоти махсус дар калламушҳо нишон додааст, он калламушҳое, ки малинаи сиёҳро истеъмол мекунанд, фоизи ҳуҷайраҳои саратон дар вуҷуди онҳо ба таври назаррас кам мешаванд. Баъдан хокаи малина барои одамоне, ки аз дарди саратони рӯдаи рост азият мекашиданд, натиҷаи хубе дод. Аз ин рӯ истифода ва истеъмоли он барои пешгирии саратон зарур аст.

u **ЧОЙИ КАБУД.** Чойи кабуд дорои моддаҳоест, ки барои ҷилавгирӣ аз таъсири харобиовари саратон дар меъда, шуш ва дигар узвҳои ҳозима хеле хуб ба кор бурда мешавад. Аммо ин танҳо ба чойи сабзе, ки дар Ҷопон истеҳсол мешавад, хос аст. Бинобар ин, агар тавассути чойи кабуд аз саратони узвҳои ҳозима пешгирӣ карданӣ шавем, бояд намуди беҳтарини онро интихоб намоем.

u **ПОМИДОР.** Помидор дорои моддаҳои ғизоии муҳиме аст, ки саратонро пешгирӣ менамоянд. Истеъмоли бештари помидор дар шакли аслӣ хеле муфид аст. Дар натиҷаи тадқиқот маълум шудаст, ки мардоне, ки помидорррро бештар истифода кардаанд, хатари саратони простата ба онҳо 35% кам гардидааст.

u **ЗАРДЧӮБА (КУРКУМА).** Зардчӯба аллакай бомувафаққият барои мубориза бар зидди бемориҳои шамолхӯрӣ, нафастангӣ умуман узвҳои нафас ба кор бурда шудааст. Ба наздикӣ олимон муайян карданд, ки онро барои мубориза бар зидди саратон низ бояд ба кор бурд. Ин ақида дар ИМА таҳқиқ шуд, зеро дар он ҷо касалии саратони простата рӯ ба афзоиш буда, дар Ҳиндустон ин беморӣ хеле паст инкишоф меёфт. Дар натиҷаи муқоиса маълум гардид, ки мардуми Ҳиндустон бештар зардчӯбаро истифода мекарданд ва ин боиси кам дучор шудани онҳо ба ин беморӣ гардида буд.

### ТИБ ВА ТАБОБАТ АЗ ШАРҚ БУД

**МАЪЛУМ** аст, ки илми тибби Шарқ пештар аз Ғарб вусъат ёфта буд. Олимони бузурги Шарқ ба монанди А. Сино, З. Розӣ ва дигарон илми тибро омӯхта ва ба ояндагони худ мерос гузоштаанд. Дар китоби "Канзи шифо" тамоми намудҳои алафҳои табобатӣ оварда шудааст, ки қариб ҳамаи онҳо дар Тоҷикистони худамон вуҷуд доранд. Инчунин аввалин шахсе, ки ҷарроҳӣ кардани инсонро дар китобаш овардааст, ин ҳам Фирдавсӣ буд. Ӯ дар "Шоҳнома" чӣ тавр аз шиками модари Рустам гирифтани ӯро ва бо истифода аз як намуди алаф ҷойи чок кардаи шикамро дармон ва ё махкам карданро овардааст, ки дар тибби муосир онро ҳамчун "кесерево сечение" мешиносанд. Аммо мо ба қавле "об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем" аз пушти доруҳое, ки пур аз заҳрои кимиёвӣ аст, саргардонем.

**Гулҳаёи МАДИМАР**

# Муждарасонҳои Иҷлосияи тақдирсоз



**РӮЗҲОИ** баргузории Иҷлосияи тақдирсози миллат баробари таъмини бехатарӣ таъмини алоқа яке аз шартҳои муҳими муваффақона гузаштани Иҷлосия буд. Масъулони баргузор намудани ин ҷаласаи тақдирсоз талаб карданд, ки сари дастгоҳи пайвастсозии алоқаи байнишаҳрӣ кормандони соҳибтаҷрибаро гузоранд, то ки вақти пайвастан бо сохторҳои муҳими давлатӣ каму кост набошад.

Ҳамин тариқ, 4 нафар телефончидухтарони соҳибтаҷрибаи бахши алоқаи байнишаҳрии ҶСК "Тоҷиктелеком" дар вилояти Суғд-Сулҳия Мӯъминова, Зебиҷон Сангинова, Матлуба Шукурова ва Санавбар Неъматова, ки аллакай таҷрибаи ду даҳсолаи корӣ доштанд, масъулони таъмини алоқаи берунаи Иҷлосия интихоб шуданд. Онҳо ду нафарӣ дар ду баст вазифаашонро бо масъулияти баланд иҷро карданд. Бо гузашти солҳо, се тани онҳо ба нафақаи пиронсолӣ рафтаанду як нафар дар арафаи нафақабароист.

-Мо бо гузашти солҳо ифтихор аз он дорем, ки дар таъмини сулҳ ва хомӯш кардани оташи ҷанги бародаркуш бо меҳнати хоксоронаи хеш саҳмгузор шудем, вазифае, ки ба дӯши мо вогузор буд, аз мо маҳорат ва масъулиятнокиро талаб мекард, - мегӯяд, нафақахӯри аҳамияти ҷумҳурӣ Сулҳия Мӯъминова.

-Барои Иҷлосия хатти алоҳидаи алоқа ҷудо шуда буд,- варақгардон мекунад, дафтари хотираҳояшро нафақахӯри соҳаи алоқа Зебиҷон Сангинова,- супориш чунин буд, ки чун ягон нафар аз масъулин ва ё вакилон пайвастан бо ин ё он шаҳр, ва ё ягон давлатро талаб мекард, бояд бетаъхир, дархостро иҷро кунем.

-Ҳатто хӯроки нисфирӯзиро сари дастгоҳи алоқа тановул мекардем,- мегӯяд дигар аз нафақахӯри соҳа Санавбар Неъматова.

Матлуба Шукурова аз чиҳил соли фаъолияташ, маҳз рӯзҳои хизматрасониаш ба Иҷлоисияи 16-умро хотирмонтар меҳисобад.

- Он рӯзҳо ба андозае серкор будем, ки ба қавле "барои сархорӣ вақт намерасид. Мо баробари ному фамилияамон рақамҳои рамзӣ доштем. Масалан, рақами рамзии ман 53, апаи Сулҳия 36, апаи Зебӣ 14 ва Санавбарапа 38 буд.

Ин телефончидухтарон аввалин шуда ба ҷаҳониён оид ба ҳаллу фасл гардидани тақдири минбаъдаи миллати тоҷик ба вазифаи барои он рӯз хавфноку масъулиятнок ва интихоб гардидани фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷаҳониён мужда расониданд.

Ин телефончидухтароне, ки имрӯз бо гузашти солҳо давлати пирӣ меронанд, аз рӯзҳои фаъолияти кориашон хотираҳои зиёдеро нақл карданд.

Солҳои 70-уми қарни гузашта ин чаҳор нафар аз аввалин духтарони таҳҷоии тоҷик ба стансияи телефонии шаҳр ба сифати телефончӣ ба кор омада буданд. Боқӣ русзабонон фаъолият доштанд. Аз рӯи гуфти эшон сардори онвақта Идораи алоқаи вилоят ҳини қабули эшон баробари аризаи ба кор қабулшавӣ ба ин мазмун забонхат ҳам гирифта буд, ки "дар кор пурра бо забони русӣ муошират мекунанд ва ба куҷое, ки барои таҳсил фиристад, не намегӯянд".

- Дар акси ҳол моро ба кор қабул намекарданд,- мегӯянд, онҳо,- Чун ҳамкорон аз ин супориш бохабар шуданд, вақтҳои байни ҳамдигар бо лафзи модарӣ суҳбат карданамон моро сарзаниш ва ҳатто бо баҳонаи "алоқаи байнишаҳриро бо таъхирмонӣ пайваст кардан" аз мукофотпулӣ маҳрум мекарданд...

- Инҳо ифтихори моанд, -мегӯяд сардори ҶСК "Тоҷиктелеком" дар вилояти Суғд Сӯҳроб Ғоибов, - мекӯшем собиқадоронро фаромӯш насозем. Зеро, дар ин ҷода дастуру ҳидояти созандаи Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки нисбати собиқадорон ғамхорӣ зоҳир намоем.

**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ**



*Аз чап ба рост Сулҳия Мӯъминова, Санавбар Неъматова, Зебиҷон Сангинова ва Матлуба Шукурова.*

**Гиромидошт**

***6 майи соли равон дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе чорабинии фарҳангӣ бахшида ба 71-умин солгарди Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо иштироки меҳмонон аз сафорати Федератсияи Русия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойгоҳи ҳарбии дивизияи 201-и Русия дар Тоҷикистон, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Шӯрои собиқадорони ҷанговарони интернатсионалисти шаҳри Душанбе, собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва муҳассилини донишгоҳу макотиби пойтахт баргузор гардид.***

# ҚАДРДОНИИ СОБИҚАДОРОНИ ҶАНГ

**МАҲФИЛИ** гиромидошт нахуст бо пахш кардани садои наттоқи машҳур Юрий Борисович Левитан, ки хабари ҳуҷуми аҳдшиканонаи Олмони фашистиро ба мардуми шӯравӣ расонида буд, оғоз гардида, ҳозирин бо лаҳзаи хомӯшӣ хотираи фавтидагонро ёд карданд. Ҷонишини директори иҷроияи Донишгоҳ М.Ковтун меҳмононро хайрамақдам гуфта, сипас сафири Федератсияи Русия И.С.Лякин-Фролов ба сухан баромад ва иштирокдорони маҳфилро ба муносибати ин Иди Бузург табрик намуд. Зимни суханронии хеш сафир оид ба саҳми Тоҷикистон дар ба даст овардани ғалаба ба Олмони фашистӣ қайд карда, иброз дошт, ки тибқи баъзе маълумот то 230 ҳазор нафар сокинони ҷумҳурӣ баҳри дифои Меҳан ба ҷабҳа рафта, 98 ҳазори онҳо ҷони худро аз даст доданд. Таъминоти ҷабҳа дар ақибгоҳ худ як қаҳрамоние маҳсуб мегардад, ки мардум меҳнати шабонарӯзӣ намуда, Тоҷикистон ба майдони набард садҳо ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар молу мавод фиристода буд:

-Зиёда аз 45 ҳазор нафар сокинони манотиқи ҷангзада ба Тоҷикистон муҳоҷир карда шуданд, ки мардуми ҷумҳурӣ онҳоро бо оғӯши боз пешвоз гирифта, ба онҳо сарпаноҳ дод. Ин далели баҳснопазири инсондӯстии мардуми тоҷик ҳеҷ гоҳ аз хотираҳо зудуда намегардад. Ҳамчунин аз вилоятҳои ноамн заводу фабрикаҳо, муассисаҳои фарҳангӣ ва дигар иншооти ҳаётан муҳим ин ҷо кӯчонида шуданд, ки дар пешрафти ҷумҳурӣ ҳиссаи худро гузоштанд-гуфт И.С.Лякин-Фролов.

Сафири Русия ҳамчунин аз саҳми боризи иттифоқчиёни Иттиҳоди Шӯравӣ дар эътилофи зиддигитлерӣ-Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Британияи Кабир ва Фаронса ёдовар шуда, афзуд, ки хидмати ин кишварҳои бузург низ дар торумор кардани душмани пурқувват калон аст, ки ин далел ҷойи баҳс ва шакку шубҳае надорад. Намунаи барҷастаи ҳамдастии кишварҳо дар маҳв сохтани идеологияи инсонбадбинонаи натсионал-сотсиализм ин ёрии бузурги моддӣ ва ҳарбии кишварҳои эътилоф (ленд-лиз, ки асосан аз ҷониби ИМА расонида мешуд), ки дар ба даст овардани Ғалабаи Бузург нақши муҳим дошт ва вохӯрии аскарони шӯравию амрикоӣ дар назди дарёи Элба баҳори соли 1945 мебошад.



Бо таассуф қайд карда шуд, ки имрӯз дар бархе кишварҳои аврупоӣ, ва ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ, ки артиши шӯравӣ замоне онҳоро аз чанги фашизм озод карда буд, таърих таҳриф шуда, диди ҷадиди он рӯйи кор омадааст, ки ба куллӣ аз ҳақиқати таърихӣ тафовут дорад. Аммо ин, ба истилоҳ "таърихнигорон" наметавонанд аз лавҳаи хотираи таърихӣ Ғалабаи Бузургро хат бизананд ва кӯшишҳои онҳо дар ин самт барабас хоҳад буд. Ин дидгоҳро роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тарафдор буда, аз ҷониби ҳукумати кишвар собиқадорони ҶБВ таҳти сарпарастӣ гирифта шуда, онҳо доимо қадрдонӣ мешаванд.

Дар қисми фарҳангии чорабинии мазкур ансамбли созиву овозии "Южный форпост" ва оркестри ҳарбии пойгоҳи ҳарбии 201-и Русия, хонандагони муассисаи таълимии №8-и пойтахт, ҳамчунин муҳассилини филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В.Ломоносов дар шаҳри Душанбе баромад намуданд. Дар анҷоми маҳфили фарҳангӣ ба собиқадорони ҶБВ ва ҷанговарони интернатсионалист тӯҳфаҳо супорида шуданд.

**Азамат ДӮСТОВ**

**ҲАҶ-2016**

# НАРХИ САФАРИ ҲАҶ МУАЙЯН ШУД

***Нархи имсолаи сафари Ҳаҷ барои зоирини тоҷик 28 ҳазору 649 сомонию 10 дирам муқаррар шудааст, ки ба 3 ҳазору 584 доллари амрикоӣ баробар аст.***

**Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши хизматрасониҳо дар мавсими Ҳаҷ-2016-ро муайян намуда, расман эълон кард, ки нархи имсолаи сафари Ҳаҷ барои зоирини тоҷик 28 ҳазору 649 сомонию 10 дирамро ташкил медиҳад.**

**Бино ба иттилои манбаъ, маблағи мазкур барои пардохти маблағи чиптаи ҳавопаймо аз ду тараф, маблағи иқоматгоҳҳои муваққатии зист дар шаҳрҳои Маккаи мукаррама ва Мадинаи мунаввара, се вақт хӯроки гарм, пардохти боҷи шоҳӣ (равоид), пардохти маблағи қурбонӣ, хизматрасонии иловагӣ дар Мино, Арафот ва Муздалифа, пардохти маблағи кумаки аввалияи тиббӣ, маблағ барои эмгузаронӣ, маблағ барои хизматрасонии роҳбаладон, гурӯҳи корӣ ва ҳайати табибон, маблағи суғуртаи ҳаҷравандагон, маблағ барои таҳия ва харидории ҷомадон, сумкаи дастӣ бо рамзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳоҷиён, роҳбаладон, гурӯҳи корӣ ва табибон, инчунин барои ба роҳ мондани дарсҳои омӯзишӣ барои ҳоҷиён қабл аз мавсими ҳаҷ истифода мешавад.**

**Масъулини Кумитаи дин мегӯянд, ки ҳарчанд аз сабаби бо асъори хориҷӣ (доллари амрикоӣ) ба роҳ монда шудани ҳамаи қарордодҳо бо ширкатҳои хизматрасони Арабистони Саудӣ ва нисбатан боло рафтани қурби доллари амрикоӣ дар бозори асъори Тоҷикистон нархи хизматрасониҳо бо пули миллӣ дар соли ҷорӣ нисбатан боло рафта бошад ҳам, дар маҷмӯъ, арзиши имсолаи хизматрасониҳои мавсими ҳаҷ нисбат ба соли гузашта бо ҳисоби асъори хориҷӣ бетағйир боқӣ монда, мисли соли гузашта 3 ҳазору 584 долларро ташкил медиҳад.**

**И.ТОҲИР**



# Даво барои хотира

*Бо гузашти умр хотираи инсон заиф мегардад. Ин дар баробари камқуввативу бехобӣ яке аз проблемаҳои пирист, ки ҳам аз лиҳози саломатӣ ва ҳам аз сангиниҳои дигари зиндагии куҳансолон махсуб гашта, онҳоро мувоҷеҳи мушкилот мегардонад. Барои нигаҳдошти хотира чораҳои зиёди тамринӣ, тиббӣ ва халқӣ тавсия дода мешавад. Се давое, ки мо барои шумо пешниҳод месозем, ҳам аз лиҳози дастрасӣ, ҳам аз лиҳози табиӣ будан ва ҳам арзону осон дарёфт гаштанашон барои эҳёи хотира хеле муҳиманд.*

**МУСАЛЛАМ аст,** ки истеъмоли зиёди доруворӣ ба инсон аз як ҷониб агар зарар дорад, аз тарафи дигар харидории маводи доруворӣ барои пиронсолон, ки нафақаи ночиз мегиранд, мушкилиҳои дигаре пеш меорад. Аз ин рӯ истифодаи маводи табиӣ камхарҷу дастрасу осон ва хушмаззатар аст. Истифодаи муназзами гиёҳҳои табиӣ ба хотири саломатӣ кори соддаест, вале мутаассифона мо ба он камтар таваҷҷуҳ дорем, нисбат ба доруҳои тавсиядодаи духтурон. Албатта, доруҳо ҳам аз гиёҳҳо бо омехтаи маводи кимиёвӣ омода мегарданд, ки дар ҳолати табиӣ истифода шудани алафҳои дорувор бурди мо бештар хоҳад шуд. Вале шарти асосӣ он аст, ки дар ҳолати истеъмоли онҳо низ бо табибон муовиқа кардани истифодаи ин ё он гиёҳ зарур аст.

**Ҷаъфарӣ** (петрушка) гиёҳест, ки дар тиб ва рӯзгори ҳаррӯзаи мо фаровон истифода мешавад. Он барои маризиҳои гуногун тавсия дода мешавад, ки яке аз онҳо фаромӯшхотирист. Ҷаъфарӣ ба майнаи инсон низ таъсир дошта, кори муназзами онро таъмин месозад. Яъне бо кӯмаки ин алафи табиӣ майна кори дурустро ба роҳ мемонад. Дар таркиби ҷаъфарӣ моддаи апегинин мавҷуд аст, ки ба кори фаъолонаи мусоидат месозад.

Ҷаъфариро дар шаклҳои гуногун ҳам тару тоза ва ҳам хушккардашуда метавон истифода кард. Дар дохили хӯришҳо истифодаи тару тозаи ҷаъфарӣ беҳтар аст. Онро чун кабудӣ барои болои ҳар гуна таом ҳам метавон истифода кард. Барои зимистон ё умуман чун хушкдаво истифода намудан онро бояд дар соя хушконид ва баъд орд карда истеъмол намуд. Як қошуқчаи чойхӯрии хушки он меъёри якрӯзаи талаботи ҷисми мо буда метавонад.

**Бобуна** (ромашка) гул ва гиёҳи серистеъмоле дар тибби қадим ва муосир аст. Бар замми дигар манофеи он бобуна барои барқарор кардани хотира давои хубест. Бобунаро маъмулан дар шакли хушккардашуда фаровон истифода месозанд. Ин гиёҳро барои қавӣ гардонидани хотира ба ҷойи чой метавон истифода кард. Бобунаро ҳамчунин дар ҳолати рӯҳафтодагӣ, хотирмушавваш низ давои хуб мешуморад. Ин гиёҳ асабҳоро ором, табъро хуш ва зиҳро рафъ мекунад. Ним қошуқча бобунаи хушкро чой дам карда, давоми рӯз нӯшидани онро табибон барои барқарорсозии хотираи куҳансолон давои камхарҷ, арзон ва хеле муҳим мешуморанд. Вале, ба тавсеаи мутахассисон дар такя ба Ибни Сино хӯрдани бобуна тавсия намешавад.



**Зардчӯба** (куркума) низ аз зумраи давои хубу шинохтаест, ки мардуми мо ва хоса афғонҳову эрониҳо онро фаровон истифода мекунанд. Аммо шояд на ҳама яке аз маводҳои хубе барои эҳё ва барқарор кардани хотира будани онро бидонанд. Як қошуқ кӯфтаи зардчӯба меъёри якрӯзаи истеъмоли одам аст. Онро ба ҳар гуна хӯрок ҳамроҳ карда хӯрдан мумкин аст. Масалан, зардчӯбаро барои ранг додан ба оши палав бисёриҳо истифода мекунанд. Дар хӯрокҳои дуюм онро пошидан ба болои хӯрок мувофиқ аст. Вале аз ҷӯшонидан ҳам хосияти шифоияш кам намегардад.

Бо истифода аз ин маводи дастраси табиӣ хотираҳои хешро мустаҳкам, қавӣ ва чизҳои аз ёд рафтаатонро барқарор созед. Шояд беҳтарин эҳсос, хубтарин номи бароятон маҳбуб ва ишқи фаромӯш гаштаатон дубора русух кунаду аз нав эҳсоси ҷавонӣ намоед. Шояд забони дигаре ё шеърҳои зиёди аз ёд накардаатонро ҳифз намоеду зиндагиро бо рангҳои дигар ва ҳисси хуштаре дарёбед. Пас, танбалӣ накунед: ҷаъфарӣ, бобуна ва зардчӯба... ва хотираи қавӣ, ёри ҳамешагии шумост!

**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**



# МУРҒҲОИ АФСОНАВӢ

*Дар осори гузаштагони мо, хусусан дар достону қиссаҳои тамсилӣ образи паррандаҳо аз ҷумла, булбул, кабк, тутӣ, ҳудҳуд, уқоб, боз, шоҳин, гунҷишк, саъба, зоғ ва ғайра хеле зиёд ба чашм мехӯрад. Дар баробари ҷонваракони зикргардида инчунин чанд мурғ ва ё паррандаи афсонавие низ барҷаста тасвир ёфтаву дар зеҳни мо тавассути хаёлпардозиҳои бузургони адабамону адибони ҷаҳон нақш бастаанд. Чун ин парандаҳоро мардум ва ҳар яки мо низ дар зиндагӣ надидаем ҳар ки вобаста ба тахайюлоташ тасаввурашон мекунем. Дар ин нигошта бобати чаҳор мурғи машҳури афсонавӣ - Симурғ, Анқо, Самандар ва Ҳумо маълумотномае гирдоварӣ шудааст.*

n**СИМУРҒ.** Симурғ (сиранг) ҳамон "Сенмуру" -и паҳлавист, ки "мурғи син" маънӣ медиҳад. "Син" бо номи ҳаким, табиби маъруф Саина, ки фраввахри ӯ дар банди 97-и фарвардин - яшт ситуда шуда, иртиботи лафзию маънавӣ дорад… ва онро дар "Худойнома" ва "Шоҳнома" номи Симурғ доданд.

Аксари мову шумо бо ин мурғи афсонавӣ тавассути "Шоҳнома"-и Ҳаким Фирдавсӣ ошно гардидаем. Чунон ки аз "Шоҳнома" бармеояд, Симурғ-мурғест эзадӣ бар кӯҳи Албурз ошён дорад ва Золро бо бачагонаш мепарварад. Ҳангоме ҳам, ки Зол ба оғуши хонавода бармегардад, паре аз Симурғ бо худ меоварад, то ҳангоми дармондагӣ вайро ба ёрӣ талабад. Ду бори дигар дар "Шоҳнома" Симурғ ҳозир мешавад ва ҳар бор гиреҳе аз кори фурубастаи Зол мекушояд: як бор ҳангоми зодани Рустам аз модар ва бори дигар дар набарди Рустам бо Исфандиёр, ҳангоме ки Рустам ва Рахш захмҳои вазнин бардошта буданд ва Зол бо чораҷӯии Симурғ ба дарахти газ даст ёфт ва Рустам бо пайкони бо захр обдода кори Исфандиёрро яксара кард…

Муҳаққиқон калимаи "Сина"-ро дар "Авасто" ба шоҳин ва уқоб тарҷума карданд ва бо Вориған-и (мурғе бо номи Вориған) Авастоӣ яке донистанд. Тавзеҳ, бешак, байни ду мафҳум Саина-и авастоӣ ва Симурғи форсӣ, яъне итлоқи ӯ бар мурғи машҳур ва номи ҳакими доно робита мавҷуд аст.

Агар ба сарчашмаҳо муроҷиат кунем, маҳз чунин мурғе бо чунин сифот дар "Авасто", вале бо номи Вориған зикр мешавад. "Касе, ки устухон ва ё паре аз ин мурғи далер (вориған) бо худ дошта бошад, ҳеҷ марди далере ӯро наметавонад барандозад ва на аз ҷой биронад. Он пар ӯро ҳамвора гиромӣ ва бузург дорад ва ӯро аз фарр бархурдор созад. (Баҳром-яшт банди 36-37)

Образи Симурғ дар адабиёти мо хеле фаровон истифода шудааст:

*Туро Симурғу тири*
*газ набояд,*
*На Рахши ҷодуву*
*Золи фусунгар.*
**ДАҚИҚӢ**

*Фалакпарвоз созад оҳро*
*дарди гарони мо,*
*Пари Симурғ бахшад*
*тирро рӯзе камони мо.*
**СОИБ**

*Бас ки бар Симурғу*
*Рустам базла гуфтӣ,*
*Гар бидидӣ бар масоф*
*Исфандиёрат.*
**АНВАРӢ**

Аттори Нишобурӣ дар асари ҷовидонаи худ "Мантиқ-ут-тайр" аз Симурғ зоти Боритаъоло ирода карда ва ин ки саранҷом "Си мурғ" ба "Симурғ" мерасанд, ваҳдат дар касрат ва касрат дар ваҳдатро нишон додааст.

Тасвире, ки Шаҳобуддини Суҳравардӣ аз Симурғ ба даст дода; "Парвоз кунад бе ҷунбиш ва бипарад бе пар ва наздик шавад бе қатъи амокин ва ҳамаи нақшҳо аз ӯст ва ӯ худ бе ранг, ҳама бад-у машғуланд ва ӯ аз ҳама фориғ…" мубайни ин аст, ки Симурғ чизе дар ҳадди "ҷилваи Ҳақ" донистааст.

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ низ ӯро намояндаи "олами боло" ва "мурғи Худо" ва мазҳари олитарин парвози рӯҳ ва "инсони комил" шинохтааст…

Дар баъзе сарчашмаҳо инчунин ривоятҳои исломӣ гоҳе Симурғро Анқо низ гӯянд. Баъзе ҳам модаи ӯро Анқо номиданд. Вале бештар муҳаққиқон Анқоро мурғи дигар медонанд.

Анқо (ар.-дарозгардан), мурғи афсонавӣ, ки ҷойгоҳаш дар кӯҳи Қоф будааст. Азбаски ин мурғ аз мардум дур буд ва диданаш ба ҳама муяссар намегардид, ба маънои маҷозии чизи ноёфт, чизе, ки номаш ҳасту худаш нест, ба кор рафтааст. Дар адабиёти форс-тоҷик чун образи шеърӣ (дар ирфон) ба маънои гӯшанишинӣ, канораҷӯӣ омадааст:



*Бибур аз халқу аз анқо*
*қиёси кор бигир,*
*Ки сити гӯшанишинон*
*зи қоф то қоф аст.*
**ҲОФИЗ**

Дар қиссаҳои марбут ба ҳазрати Сулаймон (а) низ аз Анқо дар паси кӯҳи Қоф маскан доштанаш сухан меравад.

…Рӯзе Анқо ҳеҷ мурғ наёфт шикор кунад ва кӯдакеро рабуд. Мардум ба паямбар шикоят бурданд, паямбар дуо кард: Худоё, насли ӯро мунқатеъ гардон! Соиқае омад ва ӯро бисӯхт ва ӯро насл намонд. Пас, араб масал заданд ва чизҳои ноёфтаро "Анқои муғриб" гуфтанд. Ба Анқо, Анқои муғриб (миғраб) аксаран шоиронy адибони мутасаввиф муроҷиат кардаанд.

*Кас наёбад ба ишқ-бар пирӯз,*
*Ишқ Анқои мугриб аст имрӯз.*
**САНОЙ**

*Дар ошёни ақл*
*чу Анқои мугрибам,*
*Бар осмони фазл*
*чу хуршеди азҳарам.*
**АНВАРӢ**

*Наққоши чирадаст аз он*
*нохудои тарс,*
*Анқо надида сурати*
*Анқо кунад ҳаме.*
**МАСЪУДИ САЪД**

n **САМАНДАР.** Самандар (самандвар, самандал) аз калимаи юнонӣ ва лотинии "саламандра" буда ҷонварест, ки ба эътиқоди қудамо дар оташ падид меояд ва чун аз оташ бармеояд, мемирад. Самандар пӯсти тирранг бо лаккаҳои зарду тунд дорад ва дар маконҳои намноки торик ва дохили ғорҳо зиндагӣ мекунад. Гоҳе, ки аз оташ бармеояд, онро мегиранд ва аз пӯсташ кулоҳу дастмолу дастор дуруст мекунанд. Онро ҳайвоне беозор медонистанд, ки моддае лазиҷу сӯзанда аз пӯсти ӯ метаровад.

Ин ҳайвон тақрибан бо ҳамин сифат, яъне зиндагӣ дар оташ дар адабиёти ғарбӣ шинохта шуда ва дар осори Александр Пуп ва Шекспир бо ҳамин сифот номбардор аст. Китоби ҷонваршиносӣ ва фарҳанги арабӣ ва форсӣ ӯро ҷонваре медонанд, ки аз оташ осеб намебинад ва таваллуду зиндагии ӯ оташ аст. Гоҳе ӯро мурғе донистаанд, ки доим дар оташ аст ва намесӯзад. Ва навиштаанд, ки муши бузургест, ки чун аз оташ бармеояд, мемирад.

Самандарро Қақнус низ мегӯянд, ки ҳамон Кукнус (Феникс)-и Юнонист.

Дар "Фарҳанги Муъин" мурғи мазкур чунин тасвир ёфтааст. Мурғест бағоят хушрангу хушовоз. Гӯянд минқори ӯ 34 сӯрох дорад ва дар кӯҳи баланде муқобили бод нишинад ва садоҳои аҷибу ғариб аз минқори ӯ барояд ва ба ин сабаб мурғони бисёре ҷамъ оянд. Аз онҳо чандеро гирифта туъмаи худ созад. Гӯянд 1000 сол бигзарад ва умраш ба охир ояд ҳезуми бисёре ҷамъ созад ва ба болои он нишинад ва сурудан оғоз кунад ва маст гардад ва бол ба ҳам занад чунон ки оташе аз боли ӯ биҷаҳад ва ҳезум бисӯзад ва аз хокистараш байзае падид ояд ва ӯро ҷуфт набошад ва гӯянд мусиқиро башар аз овози ӯ дарёфта…

Иртиботи ин ҷонвар бо оташ ва зиндагӣ дар он дар адаби форсӣ:

*Ба оташ-андарун мисли*
*самандар,*
*Ба об-андарун мисли*
*наҳангам.*
**РӮДАКӢ**

*Самандар наӣ, гирди*
*оташ магард,*
*Ки мардонагӣ бояд,*
*он гаҳ набард.*
**САЪДӢ**

*Ҳар куҷо нур аст, чун парвона*
*худро бохтан,*
*Ҳар куҷо нор аст, худро*
*чун Самандар доштан.*
**ПАРВИН**

n**ҲУМО.** Мурғи афсонавӣ, ки фархундафол ва пайки саодат пиндошта мешуда ва ба ҳамин далел ба "мурғи саодат" маъруф аст. Қудамо муътақид буданд, ки мурғест устухонхор, ки ҷонваре наёзорад ва ҳар гоҳ бар сари касе бинишинад, ӯро подшоҳ кунад…Ба назар мерасад, ки луғати "ҳумоюн" дар форсӣ ба номи ин парранда иртибот дошта бошад. Ҳамчунин ба назари бархе номи ин паранда ёдовари гиёҳи маъруфи "ҳум" ё "ҳумо" аст, бавижа, ки дар "Ригведо" гиёҳи сум (ҳум) ғолибан ба парандае ташбеҳ мешавад ва ё ба номи парандае мавсум аст. Дар достони "Мантиқ-ут-тайр" ҳумо намунаи мардони ҷоҳталабест, ки барои ҷалби ҳукоми дунявӣ ва зуҳду ибодат дам мезананд, то назари арбоби мулку сиёсатро ба худ ҷалб намоянд. Дар адабиёти форсӣ ба таври ом ҳуморо мазҳари фарру шукӯҳу саодат медонанд ва ба фоли нек мегиранд:

*Ту фарри ҳумоию зебоӣ гоҳ,*
*Ту тоҷи Каёнию пушти сипоҳ.*
**ФИРДАВСӢ**

*Зоғи ҳирсу ҳумои ҳимматро*
*Резаву устухон намеёбам.*
**ХОҚОНӢ**

*Ҳумой устухон хурду*
*ҳаргиз ки дид,*
*Ки фарри ҳумо ояд*
*аз устухон?*
**Масъуди САЪД**

**Абдуқодири АБДУҚАҲҲОР,**
*директори Китобхонаи шаҳрии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ*

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**
**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
**Идораи рӯзнома** *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
**www.hamsafon.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Наргис Шамсова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*
**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**
**Теъдоди нашр: 54700 нусха**
Навбатдор: А.ДӮСТОВ

